

Агентии назорати маводи нашъаовари назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентство по контролю за наркотиками при
Президенте Республики Таджикистан

# ШАРҲИ
## вазъи вобаста ба маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007

# ОБЗОР
## о наркоситуации в Республике Таджикистан за 2007 год

Душанбе - 2008

*...Тоҷикистон, бо сарҳади тӯлониаш бо Афғонистон, дар миёни истеҳсолкунандаи асосии афюну героин дар ҷаҳон ва кишварҳои истеъмолкунанда, ки гурӯҳҳои муташаккили байналмиллалӣ дар он ҷо «марги сафед» - ро мефурӯшанд, қарор дорад.*

*Ҳамчун Президенти кишвар, ба сифати масъалаи нахустдараҷаи миллӣ, ман вазифа гузоштам, ки интиқоли транзитии маводи нашъаовар аз тариқи қаламрави Тоҷикистон қатъ карда шавад...*

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон*

*...Таджикистан, с его протяженной границей с Афганистаном, оказался между основным мировым производителем опия и героина и странами - потребителями, куда международная организованная преступность сбывает «белую смерть».*

*Как Президент страны, в качестве первоочередных национальных приоритетов я поставил задачу решительного пресечения транзита наркотиков через Таджикистан...*

*Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон*

**Директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти милитсия Назаров Р.**

**Директор Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан генерал-лейтенант милиции Назаров Р.**




## *Марҳилаи нави муқовимат бо таҳдиди маводи нашъаовар*

Муомилоти ғайриконунии маводи нашъаовар ва сӯистеъмоли он масъалаи ҷиддии ҷомеаи мо мебошанд ва андешидани тадбирҳои фаъолу қотеъро дар самти пешгирии нашъамандӣ ва мубориза бо гардиши ғайриконунии онҳо тақозо менамоянд.

Бо дарназардошти вазъи ба вуқӯъ омадаи вобаста ба маводи нашъаовар, ки ба транзити маводи мухаддири афғонӣ аз тариқи қаламрави Тоҷикистон вобаста мебошад, ҳанӯз 12 апрели соли 1996 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармонро «Дар бораи чораҳои таъхирнопазири таҳкими мубориза бо муомилоти ғайриконунии маводи нашъаовар» имзо карда буд, ки асоси ташкили муборизаи ҳадафманд бо маводи мухаддир дар кишварамон гардид.

Дар рафти татбиқи фармони мазкур Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати маводи нашъаовар таъсис ёфт ва нахустин Барномаи давлатии Миллӣ оид ба мубориза бо муомилоти ғайриконунии маводи мухаддир барои солҳои 1996-1999 қабул шуд.

Дар ҳамин марҳила Тоҷикистон ба Конвенсияҳои зидди маводи нашъаовари СММ аз солҳои 1961, 1971 ва 1988 пайваст шуд.

## *Новый этап противодействия наркоугрозе*

Незаконный оборот наркотиков и их злоупотребление стали серьезной проблемой нашего общества, вызывающей необходимость активных и решительных действий по профилактике наркозависимости и борьбы с их незаконным оборотом.

С учетом складывающейся наркоситуации, обусловленной транзитом афганских наркотиков через территорию Таджикистана, еще 12 апреля 1996 года Президент Республики Таджикистан подписал Указ «О неотложных мерах по усилению борьбы с незаконным оборотом наркотиков», который заложил основу организации целенаправленной борьбы с наркотиками в стране.

В ходе реализации данного указа была образована Государственная комиссия Республики Таджикистан по контролю за наркотиками и принята первая Государственная Национальная Программа по борьбе с незаконным оборотом наркотиков на 1996 - 1999 годы.

В этот период Таджикистан присоединился к антинаркотиковым Конвенциям ООН 1961, 1971 и 1988 годов.

Реально оценивая исходящую с территории Афганистана наркоугрозу, Таджикистан выдвинул ряд инициатив, одной из которых явилось создание широкой Антинаркотиковой Коалиции.

На международной конференции

Бо арзёбии воқеъбинонаи таҳдиди хатари мухаддирот аз қаламрави Афғонистон, Тоҷикистон якчанд ташаббуси зидди маводи нашъаоварро пешниҳод намуд, ки таъсиси Эътилофи зидди маводи нашъаовар яке аз онҳо буд.

Дар конфронси байналмиллалии «Тоҷикистон зидди маводи нашъаовар», ки моҳи январи соли 1999 дар шаҳри Душанбе доир шуда буд, Президенти кишвар бо таваҷҷӯҳ ба таҳдиди хатари маводи мухаддири афғонӣ, бори дигар аз ҷомеъаи ҷаҳонӣ хостори расонидани кӯмак ба Тоҷикистон дар кори мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар шуд.

Ташаббусҳои Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи ҷомеъаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтанд. Мутобиқи Протоколи байни Тоҷикистон ва Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ, ки моҳи июни соли 1999 имзо шуда буд, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Барномаи Давлатии Миллии «Чораҳои комплексии мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, назорати муомилоти қонунии онҳо, пешгирии нашъамандӣ, муолиҷа ва офиятбахшии иҷтимоии беморони нашъамандӣ барои солҳои 1999 - 2000», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 1999 таҳти рақами 202 тасдиқ шуда буд, заминаи бархурди асоснокшудаи илмиро барои ташкили корҳои пешгирикунанда дар ин соҳа бо усулҳои муосир гузошт ва имкон дод, ки кори таҳкиму тавсеаи заминаи вазорату идораҳое, ки бо мушкилоти муқобилият бо сӯистеъмоли маводи нашъаовар ва муомилоти ғайриқонунии он машғул мебошанд, шурӯъ гардад.

Тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои байналмиллалӣ дар Тоҷикистон заминаи ба эътидол омадани зуҳуроти ҷиноии вобаста ба маводи нашъаоварро мусоид намуданд. Дар кишвар тамоили коҳиши суръати афзоиши ҷиноятҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба маводи нашъаовар идома дорад (2001 - 2270, 2007 - 775).

Соли 2007 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии ҷумҳурӣ 5270 кило маводи нашъаовар мусодира карданд, ки дар муқоиса бо соли 2006 10 % зиёдтар аст.

Дар 8 соли охир дар қаламрави

«Таджикистан против наркотиков», состоявшейся в январе 1999 года в городе Душанбе, Президент страны, акцентируя внимание на исходящую из Афганистана наркоугрозу, вновь призвал мировое сообщество оказать помощь Таджикистану в деле борьбы с незаконным оборотом наркотиков.

Инициативы Президента страны Эмомали Рахмона были поддержаны мировым сообществом. В соответствии с Протоколом, подписанным между Таджикистаном и Управлением ООН по наркотикам и преступности в июне 1999 года, было образовано Агентство по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан.

Утвержденная Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 12 мая 1999 года № 202 Государственная Национальная Программа «Комплексных мер по борьбе с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных веществ, их прекурсоров, контроля за их законным оборотом, профилактики, лечения наркомании и социальной реабилитации больных наркоманией на 1999 - 2000 годы», заложила научно обоснованный подход к организации профилактической работы в этой области и позволила приступить к укреплению и развитию базы министерств и ведомств, занимающихся проблемами противодействия злоупотреблению наркотиками и их незаконному обороту.

Меры, предпринятые Правительством Республики Таджикистан и международным сообществом, создали в Таджикистане предпосылки для стабилизации преступных проявлений, связанных с наркотиками. В стране сохраняется тенденция снижения темпа роста зарегистрированных преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков.

В 2007 году правоохранительными органами и пограничными войсками республики из незаконного оборота изъято 5270 кг наркотических средств, что превышает показатели 2006 года на 10 %.

За последние 8 лет на территории Республики Таджикистан из незаконного оборота изъято более 57 тонны наркотиков опийной группы, из которых 27 тонн составляет героин.

Однако, несмотря на достигнутые положительные результаты в сфере противодействия злоупотреблению наркотиками и наркопреступности,

ҷумҳурӣ аз муомилоти ғайриқонунӣ 57 тоннаву 798 кило маводи нашъаовари гурӯҳи афюнӣ, аз ҷумла 27 тоннаю 513 кило героин мусодира шудааст.

Вале, сарфи назар аз натиҷаҳои мусбати дар самти мубориза бо сӯистеъмоли маводи нашъаовар ва ҷиноятҳои вобаста ба он ба даст омада, масъалаи ҷалб шудани қисми аҳолӣ ба муҳити нашъамандон ва муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад.

Ба асоси маълумоти расмии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007 дар кишварамон 8592 нафар нашъаманд ба қайди диспансерӣ гирифта шудаанд. Аз ҷумла шаҳри Душанбе - 4316, вилояти Суғд - 1673, вилояти Хатлон - 905, ВМКБ - 729 ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ - 851 нафар, ки 69 фоизи онҳо дар синни аз 31 то 59 сола мебошанд.

Таҳқиқотҳои сотсиологии гузаронидашуда аз сатҳи пасти маълумотнокии аҳолӣ оиди оқибатҳои ногуворн нашъамандӣ шаҳодат медиҳанд.

Бо дарназардошти вазъияти ба вуҷӯъ омада бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 585 аз 30 ноябри соли 2007 «Барномаи ягонаи мақсадноки давлатӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 - 2012» тасдиқ гардид.

Барномаи мазкур аз тарафи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони босалоҳияти вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ таҳия шудааст ва татбиқи он имкон медиҳад, ки:

- инфраструктураи идораҳо ва хадамоте, ки бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар муқобилият менамоянд мустаҳкам ва васеъ гардад;

- сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар самти пешгирӣ, табобати нашъамандӣ ва офиятбахшии беморони нашъамандӣ баланд бардошта шавад;

- суръати ҷалбшавии ҷавонон ба муҳити нашъамандон коҳиш дода шавад;

- самаранокӣ ва сифатнокии чорабиниҳои гузаронидашавандаи фаврӣ-ҷустуҷӯӣ дар самти муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо таъмин гардад;

- бонки ягонаи миллии маводи иттилоотӣ - таҳлилӣ ва маводи маълумотӣ

проблемы вовлечения определенной части населения в среду наркозависимых и в незаконный оборот наркотиков в Республике Таджикистан остаются актуальными.

По официальным данным Министерства здравоохранения Республики Таджикистан в стране на диспансерном учете в 2006 году состояло 8592 наркозависимых, в том числе г. Душанбе - 4316 чел., Согдийская область - 1673 чел., Хатлонская область - 905 чел., РРП - 851 чел., ГБАО - 729 чел., из которых 69 % составляют лица в возрасте от 31 до 59 лет.

Проведенные социологические исследования свидетельствуют о низком уровне информированности населения о пагубных последствиях злоупотребления наркотиками.

С учетом сложившейся ситуации Постановлением Правительства Республики Таджикистан № 585 от 30 ноября 2007 г. утверждена «Единая государственная целевая программа профилактики наркомании и противодействия незаконному обороту наркотиков в Республике Таджикистан на 2008 - 2012 годы».

Программа подготовлена Агентством по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан с участием компетентных представителей заинтересованных министерств и ведомств республики и ожидается, что ее успешная реализация позволит:

- укрепить и развить инфраструктуру учреждений и служб, осуществляющих противодействие незаконному обороту наркотиков;

- повысить качество предоставляемых населению услуг в области профилактики, лечения наркомании и реабилитации больных наркоманией;

- снизить темпы вовлечения молодежи в среду наркозависимых;

- повысить эффективность и качество проводимых оперативно-розыскных мероприятий по противодействию незаконному обороту наркотических средств, психотропных веществ и прекурсоров;

- создать Национальный банк данных информационно-аналитических и справочных материалов в области профилактики, лечения наркомании, реабилитации больных наркоманией и наркопреступности;

- создать Специализированную Национальную Кинологическую службу

дар самти пешгирӣ, табобати нашъамандӣ, офиятбахшии беморони нашъамандӣ ташкил карда шавад;

- хадамоти махсусгардонидашудаи Миллии Кинологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода кардани кинологҳо, парваришу таълими сагҳои хизматӣ ташкил карда шавад.

Барои татбиқи чорабиниҳои Барнома мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар шахсони ҳуқуқӣ, ки мутобиқи тартиби дар қонунгузории ҷумҳурӣ пешбинишуда ҷалб мешаванд, мутасаддӣ шудаанд.

Ҳамоҳангсози Барнома Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Назорати ҷараёни татбиқи Барнома аз тарафи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Барнома аз ҳисоби маблағҳои буҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои салоҳиятдори ҷумҳурӣ, ки ҷиҳати татбиқи он сафарбар шудаанд, инчунин маблағҳое, ки ташкилотҳои байналмиллалӣ, кишварҳои сармоягузор ва созмонҳои ғайридавлатӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои зиддинашъамандӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо кардаанд, маблағгузорӣ мешавад.

Республики Таджикистан по подготовке кинологов, разведению и дрессировке служебно-розыскных собак.

В реализации мероприятий Программы задействованы исполнительные органы государственной власти Республики Таджикистан, а также другие юридические лица, привлекаемые в порядке, установленном законами Республики Таджикистан.

Координатором Программы является Агентство по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан. Контроль за реализацией Программы осуществляется Исполнительным аппаратом при Президенте Республики Таджикистан.

Источниками финансирования Программы являются средства бюджета Республики Таджикистан, задействованных в ее реализации министерств и ведомств республики на соответствующий финансовый год, а также средства, выделяемые международными организациями, странами-донорами и неправительственными организациями для реализации антинаркотических проектов на территории Республики Таджикистан.

# Системаи ягонаи мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар

# Единая система борьбы с незаконным оборотом наркотиков

Натиҷаҳои фаъолияти якҷояи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар муқовимат бо таҷовузи маводи нашъаовар аз қаламрави Афғонистон дурустии мавқеъи интихобнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ менамоянд.

Сиёсати зидди маводи нашъаовари Президент ва Ҳукумати ҷумҳуриро дар амал татбиқ намуда, онҳо дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ба дастовардҳои муайяни мусбӣ ноил гаштанд. Аз соли 2003 ба ин тараф мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон ҳар сол миқдори маводи нашъаовари аз муомилоти ғайриқонунӣ мусодирашударо зиёд мекунанд ва бо ин тартиб имконияти аз таҷовузи маводи нашъаовари «афғонӣ» мустақилона ҳифз намудани ҳудуди Тоҷикистонро исбот менамоянд.

Соли сипаришуда мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти 105 гурӯҳи ҷиноятпешаро қатъ намуданд. Ба судҳои ҷумҳурӣ 703 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 836 айбдоршаванда ирсол гардид.

Бо ташаббуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар соли 2007 берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ 65 амалиёти муштарак бо хадамоти махсуси кишварҳои ИДМ, Афғонистон ва Хитой гузаронида шуд. Аз муомилоти ғайриқонунӣ 1 тоннаву 467 кило маводи нашъаовар, аз ҷумла 1 тоннаву 400 кило маводи нашъаовари гурӯҳи афюнӣ мусодира

Результаты совместной деятельности правоохранительных органов Таджикистана в противодействии наркоагрессии, исходящей из Афганистана, подтвердили правильность позиции, избранной Правительством Республики Таджикистан.

Реализуя антинаркотиковую политику Президента и Правительства республики, они достигли в сфере борьбы с незаконным оборотом наркотиков определенных положительных результатов. Начиная с 2003 года правоохранительные органы Таджикистана ежегодно увеличивают количество конфискованного из незаконного оборота наркотика, тем самым доказывая возможность самостоятельно защищать территорию Таджикистана от «афганской» наркоагрессии.

В истекшем году правоохранительными органами ликвидирована деятельность 105 преступных наркогруппировок. В суды республики направлено 703 уголовных дела в отношении 836 обвиняемых.

По инициативе правоохранительных органов Таджикистана в 2007 году за пределами республики проведено 65 совместных операций со спецслужбами стран СНГ, Афганистана и Китая. Из незаконного оборота изъята 1 тонна 467 кг наркотиков, в том числе свыше 1 т 400 кг наркотиков опийной группы. Проведены 19 операций с использованием метода «контролируемая

**Мусодираи маводи нашъаовар дар қаламрави Тоҷикистон бидуни муҳосибаи мусодироти қӯшунҳои сарҳадии Россия**
**Изъятие наркотиков на территории Таджикистана без учета изъятий, проведенных Российскими пограничниками**



гардид. 19 амалиёт бо истифодаи усули «ирсоли назоратшаванда» сурат гирифт ва дар рафти онҳо аз муомилоти ғайриқонунӣ 211,828 кило маводи нашъаовар, аз ҷумла 154,408 кило героин мусодира гардид.

*Тоҷикистон ҳамчун сипар садди роҳи маводи нашъаовари афғонӣ мебошад. Дар соли 2007 саҳми Тоҷикистон дар мусодираи маводи нашъаовари гурӯҳи афюнӣ дар кишварҳои ИДМ 40 % ва дар Осиёи Марказӣ 60%-ро ташкил дод.*

*Таркиби мусодираи воситаҳои нашъаовар аз тарафи хадамоти махсуси Тоҷикистон*

поставка», в ходе которых из незаконного оборота изъято 211,828 кг наркотиков, в том числе 154, 408 кг героина.

*Таджикистан продолжает оставаться щитом на пути афганских наркотиков. На долю Таджикистана в 2007 году пришлось 40 % наркотиков опийной группы, изъятых в странах СНГ, и 60 % в странах Центральной Азии.*

*Структура изъятий наркотиков спецслужбами Таджикистана*







*Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон* соли 2007 619 ҷинояти вобаста ба маводи нашъадорро ошкор ва аз муомилоти ғайриқонунӣ 2 тоннаву 491 кило воситаҳои нашъадор, аз ҷумла 2 тоннаву 059 кило маводи нашъаовари гурӯҳи афюнӣ мусодира намуд, ки мутаносибан 47,3 % ва 50,3 % миқдори умумии маводи дар Тоҷикистон мусодирашударо ташкил медиҳад. Фаъолияти 63 гурӯҳи нашъаҷаллоб қатъ карда шуд. 30

*Министерством внутренних дел Республики Таджикистана* в 2007 году выявлено 619 преступлений, связанных с наркотиками, из незаконного оборота изъято 2 тонны 491 кг наркотических средств, в том числе 2 тонны 059 кг наркотиков опийной группы, что составляет соответственно 47,3 % и 50,3 % от общего объема наркотиков, изъятых в Таджикистане. Ликвидирована деятельность 63 наркогруппировок.

шаҳрванди Афғонистон бо 570 кило маводи нашъадор, аз ҷумла 133 кило героин ва 331 кило афюн, инчунин 9 шаҳрванди кишварҳои ИДМ ва 2 шаҳрванди Хитой бо 16 кило маводи нашъаовар дастгир шуданд. Ба судҳои ҷумҳурӣ 518 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 618 нафар ирсол шуд.

Бо ташаббуси ВКД Тоҷикистон якҷо бо мақомоти корҳои дохилии Федератсияи Россия 12 чорабинии оперативӣ бо истифодаи усули «ирсоли назоратшаванда» гузаронида шуд ва дар рафти онҳо аз муомилоти ғайриқонунӣ 93 килову 644 грамм маводи нашъадор, аз ҷумла 91 кг героин мусодира гардид.

Ҷиҳати пешгирии ҷиноятҳои вобаста бо маводи нашъаовар ва нашъамандӣ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол амалиётҳои оперативӣ-профилактикии «Морфин» ва «Притон» - ро мегузаронад, инчунин фаъолона дар амалиёти ҷумҳуриявии «Кӯкнор» иштирок менамояд.

Дар рафти гузаронидани онҳо 9 фасодхонаи истеъмоли маводи нашъадор ошкор ва барҳам дода шуд; 40 нафар, ки ба фурӯши ғайриқонунии моддаҳои психотропӣ машғул буданд, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд; 20 ҳодисаи кишти ғайриқонунии растаниҳои нашъаовар ошкор карда шуд.

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчӯбаи Созишномаҳо ва Протоколҳои имзо шуда дар бораи ҳамкории мутақобила дар соҳаи мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, доимо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои ИДМ иттилооти барои тарафайн муфидро табодула менамояд.

Задержано 30 граждан Афганистана, у которых изъято более 570 кг наркотиков, в том числе 133 кг героина и 331 кг опия-сырца, а также 9 граждан стран СНГ и 2 гражданина Китая с 16 кг наркотиков. В суды республики направлено 518 уголовных дел в отношении 618 лиц.

По инициативе МВД Таджикистана совместно с органами внутренних дел России проведены 12 оперативных мероприятий с использованием метода «контролируемая поставка», в ходе которых из незаконного оборота изъято 93 кг 644 гр наркотиков, в том числе 91 кг героина.

В целях профилактики наркомании и преступлений, связанных с наркотиками, МВД Республики Таджикистан ежегодно проводит оперативно-профилактические операции «Морфин», «Притон», а также принимает активное участие в республиканской операции «Мак».

В ходе их проведения было ликвидировано 9 притонов для потребления наркотических средств; привлечено к административной ответственности 40 лиц, занимавшихся незаконной реализацией психотропных веществ; выявлено 20 фактов незаконного культивирования наркосодержащих растений.

Министерство внутренних дел Республики Таджикистан в рамках заключенных Соглашений и Протоколов о взаимном сотрудничестве в сфере борьбы с незаконным оборотом наркотиков постоянно обменивается взаимовыгодной информацией с правоохранительными органами стран СНГ.



***Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*** соли 2007 151 ҳодисаи муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаоварро ошкор ва фаъолияти ҷиноии 36 гурӯҳи вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаоварро, аз ҷумла ду гурӯҳи муташаккилро ифшо ва қатъ намуд. Аз муомилоти ғайриқонунӣ 1 тоннаву 212 кило маводи нашъаовар, аз ҷумла 867 кило маводи нашъаовари гурӯҳи афюнӣ мусодира гардид, ки мутаносибан 23 % ва 21 % миқдори умумии маводи дар Тоҷикистон мусодирашударо ташкил медиҳад. Бо истифодаи сагҳои хизматӣ 353 килову 144 грамм воситаҳои нашъадор ошкор ва мусодира карда шуд.

93 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 109 нафар, аз ҷумла 16 -то нисбати 17 нафар, ки вобаста ба қочоқи маводи нашъадор буданд, ба судҳои ҷумҳурӣ фиристода шуданд.

Лабораторияҳои ташхисоти судии Агентӣ 405 ташхис ва тадқиқот, аз ҷумла 351 ташхиси химиявӣ гузарониданд. Аз имконоти лабораторияҳо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ истифода менамоянд ва бо қарорҳои онҳо 126 тадқиқот сурат гирифтааст.

Дар бухории махсуси Агентӣ 2 тоннаву 601 кило маводи нашъадори шомили парвандаҳои ҷиноятие, ки ҳукмҳои онҳо эътибори қонунӣ пайдо намудаанд, сӯзонда шуд.

Бо ташаббуси Агентӣ 53 чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ, кишварҳои ИДМ, Афғонистон ва Хитой гузаронида шуд ва дар рафти онҳо 1 тоннаву 525 кило маводи нашъадор мусодира гардид. Аз онҳо 23-то дар ҳудуди Тоҷикистон ва 30-то дар хориҷи он сурат гирифтанд.

Ҳамкории мутақобила бо хадамоти ҳифзи ҳуқуқи Афғонистон, ки бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар мубориза мебаранд, мустаҳкам мегардад. Дар соли сипаришуда ба асоси иттилооти Агентӣ дар қаламрави ҶИА 20 амалиёт гузаронида шуд ва дар рафти онҳо 1239,490 кило маводи нашъадор, силоҳу муҳиммоти ҷангӣ мусодира гардид, инчунин 8 лабораторияи истеҳсолкунандаи героин ва 54 гектар киштзори кӯкнор нобуд карда шуд.

***Агентством по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан*** в 2007 году пресечен 151 факт незаконного оборота наркотиков, разоблачена преступная деятельность 36 наркогруппировок, в том числе двух организованных. Из незаконного оборота изъята 1 тонна 212 кг наркотиков, в том числе 867 кг наркотиков опийной группы, что составляет соответственно 23 % и 21 % от общего объема наркотиков, изъятых в Таджикистане. С использованием служебно-розыскных собак обнаружено и изъято 353 кг 144 гр наркотических средств.

В суды республики направлено 93 уголовных дела в отношении 109 лиц, в том числе 16 в отношении 17 лиц, связанных с контрабандой наркотиков.

Лабораториями судебных экспертиз Агентства проведено 405 экспертиз и исследований, в том числе 351 химических. Возможности лабораторий используются другими правоохранительными органами и силовыми структурами республики, по постановлениям которых проведено 126 исследований.

В специальной печи уничтожено 2 тонны 601 кг наркотиков по уголовным делам, приговора по которым вступили в законную силу.

По инициативе Агентства проведено 53 оперативно-розыскных мероприятия с правоохранительными органами и силовыми структурами республики, странами СНГ, Афганистана и Китая, в ходе которых изъята 1 тонна 525 кг наркотиков. Из них 23 проведены на территории Таджикистана и 30 за его пределами.

Укрепляются партнерские отношения с правоохранительными органами Афганистана, осуществляющими борьбу с наркотиками. В истекшем году по информации Агентства на территории ИРА проведено 20 операций, в ходе которых изъято 1239,490 кг наркотиков, оружие, боеприпасы, а также уничтожено 8 лабораторий по производству героина и 54 гектара посева опийного мака.




***Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон*** соли 2007 аз муомилоти ғайриқонунӣ 855 килову 846 грамм маводи нашъаовар, аз ҷумла 109 килову 264 грамм героин, 470 килову 749 грамм афюн ва 275 килову 833 грамм маводи гурӯҳи каннабис мусодира намуд. Қӯшунҳои сарҳадӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ дар хати сарҳади тоҷику афғон кӯшиши қочоқи 1 тоннаву 414 килову 507 грамм маводи нашъаоварро катъ намуданд.

Бо дарназардошти масъулияти вазоифи ба дӯши ин идора вогузоршуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳкими имконоти кадрӣ ва техникии Қӯшунҳои сарҳадӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир менамояд. Як қатор чорабиниҳои аввалиндараҷа ҷиҳати таъсиси қисмҳои иловагии назорати сарҳадӣ, сафарбаркунии нерӯҳои инсонӣ, ҷорӣ намудани хизмати қарордодӣ, инкишофи заминаи таълимӣ андешида ва ба ин соҳа захираҳои иловагии молӣ ва ғайра равона карда шудаанд.

Дар чорчӯбаи барномаҳои Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷиноятқорӣ, Иттиҳоди Аврупо ва дигар созмонҳои байналхалқӣ ҷудо намудани маблағҳои калон барои сохтмони дидбонгоҳҳои сарҳадӣ, рушду таҳкими инфраструктураи сарҳадӣ, нуқтаҳои убуру мурур аз тариқи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, бо техникаи махсуси муосир таҷҳизонидани онҳо, ворид намудани воситаҳои техникӣ ва таҷҳизоти махсус пешбинӣ шудааст.

Вазъи дар сарҳади тоҷику афғон ба вуқӯъ омада аз фармондеҳии Қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки ҳамкориро бо сарҳадбонони Афғонистон вусъат бахшанд. Мунтазам

***Главным управлением пограничных войск ГКНБ Республики Таджикистан*** в 2007 году из незаконного оборота изъято 855 кг 846 гр наркотиков, в том числе 109 кг 264 гр героина, 470 кг 749 -опия сырца и 275 кг 833 гр наркотиков каннабисной группы.

Пограничными войсками совместно с правоохранительными органами и силовыми структурами республики на линии таджикско-афганской госграницы пресечена попытка контрабандного перемещения 1 тонны 414 кг 507 гр наркотиков.

Учитывая ответственность возложенных на это ведомство задач, Правительством Республики Таджикистан уделяется большое внимание усилению физического и технического потенциала Пограничных войск. Принят ряд первоочередных мер по созданию дополнительных частей пограничного контроля, мобилизации людских ресурсов, введения контрактной службы, развития необходимой учебной базы, направление в эту сферу дополнительных финансовых и других средств.

В рамках программ УНП ООН, Евросоюза и других международных организаций предусмотрено выделение значительных средств на строительство пограничных застав, развитие и укрепление пограничной инфраструктуры, пунктов пропуска через границу Таджикистана и Афганистана и оснащение их современной специальной техникой, поставку технических средств, специального оборудования.

Складывающаяся на таджикско-афганской границе обстановка требует от командования Пограничных войск Республики Таджикистан активизации взаимодействия и сотрудничества с пограничниками Афганистана. Регулярно проводятся погранпредставительские

вохӯриҳои намояндагиҳои сарҳадӣ гузаронида мешаванд ва зимни онҳо масоили ҳамкории мутақобила ва мунокишоти пайдошуда ҳаллу фасл мегарданд.

Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон дар рафти гузаронидани амалиётҳои «Кӯкнор - 2007», «Канал - 2007» ва «Чегара - 2007» фаъолона иштирок намуданд.

встречи, на которых обсуждаются вопросы взаимодействия и решаются возникшие инциденты.

Пограничные войска Таджикистана принимали активное участие в оперативно-профилактических операциях «Кукнор - 2007», «Канал - 2007» и «Чегара - 2007».




***Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*** 39 ҳодисаи интиқоли қочоқии маводи нашъадорро аз тариқи сарҳади гумрукии ҷумҳурӣ катъ ва вобаста ба онҳо 41 парвандаи ҷиноӣ оғоз намуданд. Миқдори умумии маводи нашъадори мусодирашуда 2,7 баробар афзуд ва 76 килову 513 граммро ташкил дод, ки аз ҷумла 76 килову 480 грамми он героин мебошад. Бо истифодаи сагҳои хизматӣ 5 ҳодиса ошкор ва зиёда аз 15 кило маводи нашъадор мусодира карда шуд.

Мақомоти гумруки ҷумҳурӣ дар соли 2007 17 амалиёти муштарак бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ гузарониданд, аз ҷумла 9-то бо Агентӣ, 6-то бо мақомоти корҳои дохилӣ ва 2-то бо сохторҳои Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рафти онҳо 46 килову 257 грамм маводи нашъаовар мусодира шудааст.

***Таможенной службой при Правительстве Республики Таджикистан*** пресечено 39 фактов контрабандного перемещения наркотиков через таможенную границу республики, по которым возбуждено 41 уголовное дело. Общее количество конфискованных наркотиков возросло в 2,7 раза и составило 76 кг 513 гр., в том числе 76 кг 480 гр героина. С использованием служебно-розыскных собак выявлено 5 фактов, изъято более 15 кг наркотиков.

Таможенными органами республики в 2007 году проведено 17 совместных операций с правоохранительными органами и силовыми структурами республики, в том числе 9 с Агентством, 6 с органами внутренних дел и 2 с подразделениями Главного управления пограничных войск ГКНБ, в ходе которых изъято 46 кг 257 гр наркотиков.



***Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** соли 2007 46 ҳодисаи муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаоварро қатъ намудааст, ки аз ҷумла 25-то ба интиқоли қочоқӣ аз тариқи Сарҳади гумрукӣ ва давлатии ҷумҳурӣ вобаста мебошанд. Фаъолияти 6 гурӯҳи ҷинояткор қатъ, 48 нашъаҷаллоб, аз ҷумла 16 шаҳрванди Афғонистон ва як шаҳрванди Эстония, дастгир карда шуданд. Аз муомилоти ғайриконунӣ 633 килову 668 грамм маводи нашъаовар мусодира гардид, ки нисбати соли 2006 6,4 маротиб зиёд аст. Аз маводи нашъаовари мусодирашуда 512 килову 843 граммашро маводи гурӯҳи афюнӣ ташкил медиҳад. Ба судҳои ҷумҳурӣ 40 парвандаи ҷиноятӣ фиристода шуд, ки аз ҷумла 9 парванда нисбати шаҳрвандони Афғонистон мебошад. Муштаракан бо сарҳадбонони тоҷик 2 амалиёт сурат гирифтааст ва дар натиҷа 308 килову 487 грамм маводи нашъадор мусодира шудааст.

***Государственным комитетом национальной безопасности Республики Таджикистан*** в 2007 году предотвращено 46 фактов незаконного оборота наркотиков, 25 из которых связаны с контрабандным перемещением через таможенную и Государственную границы республики. Пресечена деятельность 6 преступных группировок, задержано 48 наркоторговцев, в том числе 16 граждан Афганистана и один гражданин Эстонии. Из незаконного оборота изъято 633 кг 668 гр наркотиков, что в 6,4 раза больше чем в 2006 году. Из конфискованных наркотиков 512 кг 843 гр составляют наркотики опийной группы. В суды республики направлено 40 уголовных дел, в том числе 9 в отношении граждан ИРА. Совместно с таджикскими пограничниками проведено 2 операции, изъято 308 кг 487 гр наркотиков.

## *Воҳиди байниидоравии махсусгардонидашудаи мубориза бо маводи нашъаовар*

Дар чорчӯбаи барномаи Иттиҳоди Аврупо оид ба мубориза бо маводи нашъаовар дар кишварҳои Осиёи Марказӣ (CADAP-2) соли 2007 дар «Терминали-1» фурудгоҳи байналмиллалии «Хуҷанд» Воҳиди байниидоравии махсусгардонидашудаи мубориза бо маводи нашъаовар (ВБМ), ки бо мақсади муттаҳид сохтани имконоти вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ошкору қатъ намудани ҳодисаҳои интиқоли ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ташкил шудааст, ба фаъолият шурӯъ намуд.




## *Межведомственное специализированное подразделение по борьбе с наркотиками*

В рамках программы Европейского Союза по борьбе с наркотиками в Центральной Азии (CADAP-2) в 2007 году в «Терминале-1» международного аэропорта «Худжанд» начало функционировать Межведомственное специализированное подразделение по борьбе с наркотиками (МСП), созданное в целях объединения возможностей заинтересованных министерств и ведомств Республики Таджикистан по выявлению и пресечению фактов незаконного провоза наркотиков.

В состав МСП входят сотрудники УАКН, таможенного поста Регионального управления Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан, ОВДТ МВД, УГКНБ, войсковой части 2601 ОВО ГУПВ ГКНБ Республики Таджикистан по Согдийской области.

В ходе проведения оперативно-розыскных мероприятий за истекший год в «Терминале-1» международного аэропорта «Худжанд» пресечено 8 попыток контрабандного вывоза наркотиков в Российскую Федерацию и по этим фактам возбуждено 8 уголовных дел. Из незаконного оборота изъято 30 кг 164 гр героина.

Дар таркиби ВБМ кормандони РАНМН, дидбонгоҳи гумрукии Раёсати минтақавии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШКДН ВКД, РКДАМ, қисми низомии 2601 СКС КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд шомил мебошанд.

Дар ҷараёни гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар «Терминали-1» фурудгоҳи байналмиллалии «Хуҷанд» 8 кӯшиши интиқоли қочоқии воситаҳои нашъаовар ба Федератсияи Россия ошкору катъ ва нисбати ин ҳодисаҳо 8 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудааст. Аз муомилоти ғайриқонунӣ 30 килову 164 грамм героин мусодира карда шуд.



## *Амалиёти «Кӯкнор - 2007»*

Мутобиқи Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 май то 30 ноябри соли сипаришуда амалиёти ҷумҳуриявии «Кӯкнор - 2007» сурат гирифт, ки вазифаи асосии он ошкору маҳв намудани киштзорҳои ғайриқонунӣ ва худрӯйи растаниҳои нашъадор, инчунин бастани роҳҳои интиқоли маводи нашъаовар тавассути нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ ва ҳавоӣ буд.

Ҷиҳати муташаккилона гузаронидани амалиёт, назорат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳои мутасаддии он, дар назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ситоди ҷумҳуриявӣ фаъолият мекард.

Дар амалиёт қувва ва васоили мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, қӯшунҳои сарҳадии ҷумҳурӣ, инчунин қишрҳои васеъи аҳолӣ ҷалб шуда буданд.



## *Операция «Мак - 2007»*

В соответствии с Распоряжением Правительства Республики Таджикистан с 1 мая по 30 ноября истекшего года проводилась республиканская операция «Мак - 2007», основной задачей которой являлось выявление и уничтожение незаконных посевов и дикорастущих наркосодержащих растений, а также перекрытие каналов перевозки наркотиков железнодорожным, автомобильным и воздушным транспортом.

Для организованного проведения операции, осуществления контроля и координации деятельности министерств и ведомств, задействованных в операции, при Исполнительном аппарате Президента Республики Таджикистан функционировал республиканский Штаб.

В операции были задействованы силы и средства правоохранительных органов и пограничных войск республики с привлечением широких слоев населения.

Для реализации замысла операции были задействованы 2300 сотрудников правоохранительных органов, 820 представителей дехканских (фермерских) хозяйств, созданы 116 стационарных постов на автотрассах, 350 мобильных оперативных групп для проведения оперативно-розыскных мероприятий на пограничных постах «Бародари» (Турсунзаде), «Фотехобод» (Мастчох), «Нижний Пяндж» (Кумсангир) и на объектах железнодорожного, автомобильного и воздушного транспорта.

В ходе проведения операции «Мак - 2007» правоохранительными органами республики из незаконного оборота изъято более 2 тонн 369 кг наркотических средств. Выявлено 7 фактов незаконного

Барои дар амал татбиқ намудани ҳадафи амалиёт 2300 нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, 820 нафар намояндагони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҷалб шуда буданд. Дар шоҳроҳҳо 116 дидбонгоҳи доимӣ амал мекард. Дар дидбонгоҳҳои сарҳадии «Бародарӣ» (Турсунзода), «Фотеҳобод» (Масчоҳ), «Панҷи Поён» (Кумсангир) ва муассисаҳои нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ ва ҳавоӣ 350 гурӯҳи сайёри оперативӣ ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ ташкил шуда буд.

Дар рафти амалиёти «Кӯкнор - 2007» мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ аз муомилоти ғайриқонунӣ зиёда аз 2 тоннаву 369 кило воситаҳои нашъаовар мусодира намуданд. 7 ҳодисаи кишти ғайриқонунии растании кӯкнор (126 бех) дар масоҳати умумии 0,3 га, 44 ҳодисаи парвариши бангдонаи ҳиндӣ (1393 бех) дар масоҳати умумии 0,59 га ошкор карда шуд. Дар натиҷаи гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар майдони масоҳати умумиаш 29,6 га 58357 бех буттаи бангдонаи худрӯй ошкору маҳв карда шуд.

Натиҷаҳои амалиёти «Кӯкнор» ба тамоили камшавии босуботи ҳодисаҳои кишти ғайриқонунии растаниҳои нашъадор ва масоҳати онҳо ишора намуда, инчунин нишон медиҳанд, ки кишвари мо истеҳсолкунандаи маводи нашъаовар намебошад.



культивирования опийного мака (126 кустов) на общей площади 0,3 га, 44 факта выращивания индийской конопли (1393 кустов) на общей площади 0,59 га. Проведенными оперативно-поисковыми мероприятиями на общей площади 29,6 га обнаружена и уничтожена дикорастущая конопля в количестве 58357 кустов.

Результаты операции «Мак» указывают на устойчивую тенденцию сокращения фактов незаконного посева наркосодержащих растений и их площадей, а также свидетельствуют о том, что наша страна не является производителем наркотиков.



# Тамоилҳои асосии рушди вазъи вобаста ба маводи мухаддир дар Тоҷикистон

# Основные тенденции развития наркоситуации в Республике Таджикистан

### *Вазъи вобаста ба маводи нашъовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Соли 2007 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоили дар соли 2005 шурӯъшудаи афзоиши миқдори воситаҳои нашъаовари аз муомилоти ғайриқонунӣ мусодирашуда идома ёфт.

### *Наркоситуация в Республике Таджикистан*

В 2007 году в Республике Таджикистан сохранилась наметившаяся в 2005 году тенденция увеличения количества изымаемых из незаконного оборота наркотических средств.




Қисми зиёди маводи мухаддири мусодирашуда саҳми Вазорати корҳои дохилӣ ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар се соли охир ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муомилоти ғайриқонунӣ 51 фоизи миқдори умумии маводи нашъадори дар қаламрави ҷумҳурӣ забтшударо, аз ҷумла 53 % маводи гурӯҳи афюниро мусодира кардааст.

Агентӣ мутаносибан 24 % ва 25 % мусодира намудааст.

Большая часть изъятых наркотиков приходится на долю Министерства внутренних дел и Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан. За последние три года МВД Республики Таджикистан из незаконного оборота изъят 51 % от общего объема наркотиков, конфискованных на территории республики, в том числе 53 % наркотиков опийной группы.

Агентством изъято соответственно 24 % и 25 %.

Ҳамагӣ маводи нашъаовар
Всего наркотиков




Маводи нашъаовари гурӯҳи афюнӣ
Наркотиков опийной группы



Макомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қӯшунҳои сарҳадии ҷумҳурӣ соли 2007 аз муомилоти ғайриқонунӣ 5270,156 кило воситаҳои нашъаовар мусодира намуданд, ки аз ҷумла 1549,681 кило героин, 2 546,413 кило афюн ва 1174,062 кило маводи нашъадори гурӯҳи каннабис мебошад.

Тамоили дар соли 2006 оғозшудаи коҳиши ҳаҷми мусодираи героин аз муомилоти ғайриқонунӣ ва афзоиши мусодираи афюн идома ёфт.

Правоохранительными органами и пограничными войсками республики в 2007 году из незаконного оборота изъято 5270,156 кг наркотических средств, в том числе 1 549,681 кг героина, 2 546,413 кг опий-сырца и 1174,062 кг наркотиков каннабисной группы.

Продолжает иметь место наметившаяся в 2006 году тенденция снижения объема изъятого из незаконного оборота героина и увеличения количества конфискованного опия-сырца.




Дар зарфи се соли охир ҳиссаи героини мусодирашуда аз 68 % - и соли 2005 то 38 % дар соли 2007 коҳиш ёфт; таносуби фоизии он дар миқдори умумии маводи нашъаовари мусодирашуда аз 50,8 % то 29,4 % кам гардид.

За последние 3 года доля изъятого героина сократилась с 68 % в 2005 году до 38% в 2007 году; уменьшилось его процентное соотношение к общему количеству изъятых наркотиков с 50,8 % до 29,4 %.




Тағйироти дар таркиби маводи нашъаовари гурӯҳи афюнӣ ба амаломада ба мусодираи он дар вилояти бо Афғонистон ҳамсарҳади Хатлон вобаста мебошад. Соли 2007 дар он ҷо ҳаҷми мусодираи афюн дар ҳоли ба андозаи 2,2 маротиба кам шудани мусодираи героин (аз 957,495 кило то 425,513 кило) 2,2 маротиба (аз 564,230 кило то 1223,325 кило) афзоиш ёфт. Дар таносуби

Происшедшие изменения в структуре наркотиков опийной группы обусловлены их изъятиями на территории Хатлонской области, приграничной с Афганистаном, где объемы изъятого опия-сырца в 2007 году увеличились в 2,2 раза (с 564,230 кг до 1223,325 кг) на фоне сокращения изъятий героина в 2,2 раза (с 957,495 кг до 425,513 кг). В процентном соотношении на территории

фоизӣ аз миқдори умумии моводи мухаддири гурӯҳи афюнии дар ҷумҳурӣ мусодира шуда дар қаламрави ин вилоят, ба шумули хати сарҳад, 27,4 % героин ва 48,0 % афюн забт шудааст, ки ин аз афзоиши ҳаҷми қочоқи афюни истеҳсоли афғонӣ ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Тамоили зиёд шудани мусодираи афюн аз муомилоти ғайриқонунӣ инчунин дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ мушоҳида мешавад.

Ин тағйирот дар самтҳои асосии интиқоли моводи мухаддири афғонӣ - Шӯрообод, Ҳамадонӣ, Фархор ва Панҷ таври назаррас зоҳир шуд.

области, включая линию госграницы, изъято 27,4 % героина и 48,0 % опия-сырца от общего числа этих видов наркотиков, изъятых на территории республики, что свидетельствует об увеличении количества опия-сырца афганского происхождения, поступающего контрабандным путем на территорию Таджикистана. Тенденция увеличения изъятия из незаконного оборота опия-сырца прослеживается также в городе Душанбе и районах республиканского подчинения.

Эти изменения в значительной мере проявились на основных направлениях поступления афганских наркотиков - Шуроабадском, Хамаданинском, Фархорском и Пянджском.




Тамоили афзоиши мусодираи афюн аз муомилоти ғайриқонунӣ дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ мушоҳида мешавад.

Тенденция увеличения изъятия из незаконного оборота опия-сырца прослеживается в Центральной Азии.

**Раванди мусодираи моводи нашъаовари гурӯҳи афюнӣ дар Осиёи Марказӣ ( бо %)**
**Динамика изъятых наркотиков опийной группы в Центральной Азии (в %)**



Ба ақидаи мутахассисон ин ҳолат ба афзоиши содироти афюн аз Афғонистон вобаста аст ва омилҳои он чунинанд:

- пурзӯр шудани фаъолияти хадамоти махсуси Афғонистон дар мубориза бо кишти кӯкнор, истеҳсоли афюн ва воридоти прекурсорҳо ба қисмати Шимолӣ ва Шимолу Шарқии ҶИА;

- камбуди прекурсорҳо ва коҳиши истеҳсоли морфин/героин дар ин минтақаҳо;

- интиқоли миқдори қобили мулоҳизаи афюни дар манотиқи Шимолӣ ва Шимолу Шарқӣ истеҳсолшуда ба ҷануби Афғонистон барои коркарди минбаъдаи он.

Арзиши маводи нашъадор дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи дур шудани он аз хати Сарҳади давлатӣ зиёд мешавад. Чунончӣ, як кило героини навъи олӣ то 01.01.08 с. дар вилояти Хатлон аз 3 то 3,5 ҳазор доллари ИМА арзиш дошт, ҳол он ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ қиммати он аз 4 то 5,5 ҳазор доллари ИМА ва дар вилояти Суғд аз 4,5 то 6 ҳазор доллари ИМА -ро ташкил медод. Нархи афюн ва маводи нашъаовари гурӯҳи каннабис низ дар чунин ҳолат қарор дорад.

Таносуби ҳаҷми маводи нашъаовари дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ мусодирашуда ва нархашон аз интиқоли онҳо аз тариқи вилояти Хатлон ба шаҳри Душанбе ва минбаъд ба ноҳияҳои шимоли ҷумҳурӣ, ки дар он ҷо шабакаҳои асосии нақлиётии бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия пайвасткунандаи Тоҷикистон тамаркуз ёфтаанд, шаҳодат медиҳад.

По мнению специалистов это объясняется увеличением экспорта опия из Афганистана, чему способствовало:

- активизация деятельности афганских спецслужб по борьбе с культивированием, производством опийного мака и поставками прекурсоров в Северной и Северо-Восточной части ИРА;

- дефицит прекурсоров и сокращение производства морфин/героина в этих регионах;

- вывоз значительного объема, произведенного в Северных и Северо-Восточных регионах опия, на юг Афганистана для его дальнейшей переработки.

Стоимость наркотиков на территории Таджикистана увеличивается по мере отдаленности от линии Государственной границы. Так, стоимость одного килограмма героина высокой пробы на 01.01.08 года в Хатлонской области от 3 до 3,5 тысяч долларов США, тогда как на территории города Душанбе и районов республиканского подчинения она составляет от 4 до 5,5 тысяч долларов США, а в Согдийской области от 4,5 до 6 тысяч. Аналогичная картина наблюдается и с ценами на опий-сырец и наркотики каннабисной группы.

Соотношение объема наркотиков, изъятых в различных регионах республики, и цен на них свидетельствуют об их перемещении через Хатлонскую область в город Душанбе и далее в северные районы республики, где сосредоточены основные транспортные узлы, соединяющие Таджикистан со странами Центральной Азии и Российской Федерации.

**ҳамагӣ маводи нашъаовар**
**всего наркотиков**




**маводи нашъаовари гурӯҳи афюнӣ**
**наркотиков опийной группы**



Қисми назарраси воситаҳои нашъаовар ҳангоми кӯшиши интиқоли қочоқии онҳо аз тариқи хати Сарҳадии давлатӣ дар самтҳои зерин мусодира карда мешавад:

Значительная часть наркотических средств изымается при попытке их контрабандного перемещения через линию Государственной границы по направлениям:




Барои интиқоли маводи нашъаовар дар дохили Тоҷикистон аз роҳҳои автомобилгарди зерин истифода мешавад:

- роҳҳои байни ноҳияҳои бо Афғонистон ҳамсарҳади ВМКБ, вилояти Хатлон ва пойтахти кишвар;
- роҳҳои байни шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд;
- роҳҳои вилояти Суғд ва ноҳияҳои ҳамсарҳад бо Қирғизистон ва Ӯзбекистон.

Воситаҳои асосии интиқоли маводи нашъаовар аз қаламрави Тоҷикистон ба кишварҳои ИДМ нақлиёти автомобилӣ, ҳавоӣ ва роҳи оҳан мебошанд.

Для перевозки наркотиков по территории Таджикистана используются автотрассы, соединяющие:

- приграничные с Афганистаном районы ГБАО, Хатлонской области со столицей республики;
- город Душанбе с районами республиканского подчинения и Согдийской области;
- Согдийскую область и районы, приграничные с Кыргызстаном и Узбекистаном.

Основными средствами транспортировки наркотиков с территории Таджикистана в страны СНГ являются: автомобильный, железнодорожный и воздушный транспорт.




*фурудгоҳҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, ки шаҳрҳои Тоҷикистонро бо ИДМ ва Хитой васл мекунанд*

*роҳҳое, ки Тоҷикистонро бо Ӯзбекистон (вилоятҳои Самарқанд, Сирдарё, Сурхондарё, Тошканд, Фарғона), Қирғизистон (вилоятҳои Боткент, Ош) ва Хитой (СУАР) васл мекунанд*

*қатораҳои мусофиркаш ва боркаш, ки пойтахти ҷумҳурӣ ва вилоятҳои Хатлон ва Суғдро бо кишварҳои ИДМ васл мекунанд*

## Вывоз наркотиков

**воздушный** — *аэропорты Душанбе, Худжанда, Куляба, соединяющие города Таджикистана со странами СНГ и Китая*

**автомобильный** — *соединяющий районы Таджикистана, граничащие с Узбекистаном (Самаркандская, Сырдарьинская, Сурхандарьинская, Ташкентская, Ферганская области), Кыргызстаном (Баткентская, Ошская бласти) и Китаем (Синьцзянь- Уйгурский автономный район)*

**железнодорожный** — *(пассажирский и грузовой), соединяющий столицу республики, Хатлонскую и Согдийскую области со странами СНГ*

### *Усулҳои асосии пинҳон намудани воситаҳои нашъаовар*

Ҷиҳати пинҳон намудани воситаҳои нашъаовар аз усулҳои асосии зерин истифода мешавад:

- дар борхалтаҳои дастӣ
- дар махфигоҳҳои сохташуда
- дар либос
- дар дохили автомобилҳо
- дар дохили бадан

Усулҳои интиқол ва пинҳонсозии маводи нашъаовар мунтазам такмил дода мешаванд.

Дар тӯли соли сипаришуда интиқолдиҳандагон ҷиҳати ҳамли маводи нашъаовар аз усулҳои пинҳон намудани он дар дохили мевачот (себ, нок, хурмо); дӯзонидани бастаҳои героин дар астари либоси боло ва кӯрпача истифода намуданд.

### *Основные методы сокрытия наркотиков*

Для сокрытия наркотиков используются следующие основные методы:

- в ручной клади
- в оборудованном тайнике
- в одежде
- в салоне автомашины
- внутриполостной

Методы транспортировки и сокрытия наркотиков постоянно совершенствуются.

В течение прошедшего года курьерами использовались такие методы, как сокрытие наркотика во фруктах (яблоках, грушах, хурме); вшитые упаковки героина во внутреннюю подкладку верхней одежды и матрац (курпачи).



## Ҷинояткории вобаста ба маводи нашъаовар

Соли 2007 дар каламрави Тоҷикистон бори аввал дар тӯли 5 соли охир миқдори ҷиноятҳои ба қайд гирифташудаи вобаста ба воситаҳои нашъаовар 6,7 % афзоиш ёфт. Ин дар заминаи ба андозаи 7,9 % афзудани ҷиноятҳои умумии ба қайд гирифташуда сурат гирифт ва зиёдшавии онҳо на танҳо ба ҷиноёти вобаста ба маводи нашъаовар, инчунин ба дигар ҷиноятҳои бар зидди шахсият, тартиботи ҷамъиятӣ ва моликияти шаҳрвандон равонашуда, вобаста мебошад.

Дар баробари ин бояд қайд кард, ки коҳиши босуботи вазни хоси ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар дар маҷмӯъи ҷиноёти ба қайд гирифташуда аз 16,2 % соли 2000 то 6,3 % дар соли 2007 то андозае аз суботи вазъи нашъамандӣ дар кишвар шаҳодат медиҳад.

## Наркопреступность

В 2007 году на территории Таджикистана впервые за последние 5 лет на 6,7 % увеличилось количество зарегистрированных преступлений, связанных с наркотиками. Произошло это на фоне роста на 7,9 % зарегистрированных общеуголовных преступлений, увеличение которых произошло не только за счет наркопреступлений, но и других категорий, направленных против личности, общественного порядка и собственности граждан.

Наряду с этим необходимо отметить стабильное сокращение удельного веса наркопреступлений в общем числе зарегистрированных с 16,2 % в 2000 году до 6,3 % в 2007 году, что в определенной степени является свидетельством стабилизации наркоситуации в стране.




Афзоиши ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар дар соли 2007 ба мусодираи воситаҳои мухаддири гурӯҳи афюнии истеҳсоли афғонӣ, ки қисми зиёди онҳо дар ҳудуди бо Афғонистон ҳамсарҳади вилояти Хатлон забт шудааст, вобаста мебошад.

Дар таркиби ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар тамоили афзоиши ҷиноятҳои ба қайд гирифташудаи ғаразнок (моддаи 200 КҶ ҶТ) ва суботи ҷиноятҳои ба қайд гирифташудаи вобаста ба кишти растаниҳои нашъаовар (моддаи 204 КҶ ҶТ) идома меёбад.

Рост числа наркопреступлений в 2007 году сопровождался увеличением изъятий из незаконного оборота наркотиков опийной группы афганского происхождения, большая часть которых конфискована на приграничной с Афганистаном территории Хатлонской области.

В структуре наркопреступлений сохраняется тенденция увеличения числа зарегистрированных корыстных преступлений (ст. 200 УК РТ) и стабильность регистрации преступлений, связанных с незаконным культивированием наркосодержащих растений (ст. 204 УК РТ).




Бори аввал дар муддати 5 соли охир афзоиши миқдори ҷиноятҳои ба қайд гирифташудаи вобаста ба маводи нашъаовари дар моддаи 201 КҶ ҶТ (бе мақсади фурӯш) пешбинишуда, ба қайд гирифта шуд.

Впервые за последние 5 лет зафиксировано увеличение количества зарегистрированных наркопреступлений, предусмотренных статьей 201 (без цели сбыта) УК РТ.




Дар ҷумлаи ҷиноятҳои ошкор ва ба қайд гирифташудаи вобаста ба маводи нашъаовар, мисли пештара ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ бо мақсади фурӯш (моддаи 200 КҶ ҶТ) афзалият доранд.

В числе выявленных и зарегистрированных наркопреступлений по-прежнему преобладают преступления, связанные с незаконным оборотом наркотических средств или психотропных веществ с целью сбыта (ст. 200 УК РТ).




***Эзоҳ:***

*моддаи 200 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсади фурӯхтани онҳо.*

*моддаи 201 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Муносибати ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ва ё моддаҳои психотропӣ.*

*моддаи 204 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Парвариши ғайриқонунии растаниҳои киштшаванда манъшудаи дорои моддаҳои нашъадор.*

***Примечание:***

*ст. 200 Уголовного Кодекса Республики Таджикистан - Незаконный оборот наркотических средств или психотропных веществ с целью сбыта*

*ст. 201 Уголовного Кодекса Республики Таджикистан – Незаконное обращение с наркотическими средствами или психотропными веществами*

*ст. 204 Уголовного Кодекса Республики Таджикистан – Незаконное культивирование запрещенных к возделыванию растений, содержащих наркотические вещества*

*Ошкорсозии ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар дар қаламрави Тоҷикистон*

*Выявление наркопреступлений на территории Таджикистана*




Соли 2007 афзоиши ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар дар вилоятҳои Хатлон, Суғд, ноҳияҳои И. Сомонӣ ва А. Синои шаҳри Душанбе, инчунин дар муассисаҳои наклиёт сурат гирифт.

Аз ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар, амалан ҳар як ҷинояти 7 - ум аз тарафи ашхоси қаблан ҷиноят содир намуда ва ҳар ҷинояти 6 - ум дар ҳайати гурӯҳ бо мувофиқаи пешакӣ анҷом дода мешавад.

Мақоми иҷтимоӣ ва синну соли ашхоси барои ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда дар шумораи умумии ашхосе, ки ин категорияи ҷиноятҳоро содир намудаанд:

- занҳо - 9,2%
- аз 18 то 30 сола - 26,1 %
- аз 30 сола боло - 73,7 %
- бекорон ва бозмондагон аз таҳсил - 90,2 %

Дар соли 2007 теъдоди ашхоси ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаоварро содир намуда 2,3 % афзоиш ёфт.

В 2007 году рост наркопреступлений произошел в Хатлонской, Согдийской областях, районах И.Сомони и А.Сино города Душанбе и на объектах транспорта.

Из преступлений, связанных с наркотиками, практически каждое 7-ое совершается лицами, ранее совершившими преступления, и каждое 6-ое в группе по предварительному сговору.

Возрастной и социальный статус лиц, привлеченных к уголовной ответственности за преступления, связанные с наркотиками, в общем числе лиц, совершивших данную категорию преступлений:

- женщины – 9,2%
- в возрасте от 18 до 30 лет – 26,1%
- в возрасте от 30 лет и старше – 73,7%
- не работающие и не учащиеся – 90,2%

В 2007 году отмечается увеличение количества лиц, совершивших наркопреступления на 2,3%.

## Таносуби фоизии ашхоси ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаоварро дар минтақаи ҷумҳурӣ содир намуда

## Соотношение лиц, совершивших наркопреступления по регионам республики




### Ашхоси барои ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар маҳкумшуда

Тамоили дар соли 2002 ба қайд гирифташудаи камшавии теъдоди маҳкумшудагон барои ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар ва ҳиссаи маҳкумшудагон дар ин категорияи ҷиноятҳо дар шумори умумии маҳкумшудагон дар соли 2007 низ идома ёфт.

### Лица, осужденные за преступления, связанные с наркотиками

Зафиксированная в 2002 году тенденция сокращения количества осужденных за преступления, связанные с наркотиками, и доли осужденных за эту категорию преступлений к общему числу осужденных сохранилась и в 2007 году.




Соли 2007 дар заминаи ба андозаи 22,4 % афзоиш ёфтани шумораи умумии маҳкумшудагон, миқдори маҳкумшудагон барои ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар 4 % коҳиш ёфт.

Миқдори ашхоси барои ин категорияи ҷиноят маҳкумшуда дар шумораи умумии маҳкумшудагон аз 16,8 % соли 2006 дар соли 2007 то 13,2 % коҳиш ёфт.

В 2007 году на фоне роста общего числа осужденных на 22,4% произошло сокращение на 4% количества осужденных за совершение наркопреступлений.

Доля осужденных за эту категорию преступлений в общем числе осужденных сократилась с 16,8% в 2006 году до 13,2% в 2007 году.

Қисми бештари маҳкумшудагон барои ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар мисли пештара ба пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд рост меояд.

Наибольшая доля осужденных за наркопреступления по-прежнему приходится на столицу республики город Душанбе и Согдийскую область.







Теъдоди зиёди ашхос ҳар сол барои содир кардани ҷиноятҳои дар моддаи 200 КҶ ҶТ пешбинишуда, маҳкум карда мешаванд.

Превалирующая часть лиц ежегодно осуждается за преступления, предусмотренные статьей 200 УК РТ.







Мақоми иҷтимоии ашхоси барои ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар маҳкумшуда дар шумораи умумии ашхосе, ки ин категорияи ҷиноятҳоро содир намуданд:

- занҳо - 10,5 %
- бекорон ва бозмондагон аз таҳсил - 54,2 %
- қаблан судшудагон - 20,8 %

Теъдоди маҳкумшудагон бо ташхиси «нашъамандӣ» аз 8,2 % дар соли 2006 то 10,9 % афзиш ёфт, ки ин аз ҳисоби афзоиши миқдори маҳкумшудагони ин категорияи шаҳрвандон дар шаҳри Душанбе мутаносибан аз 5,1 % то 15 % сурат гирифт.

Социальный статус лиц, осужденных за преступления, связанные с наркотиками, в общем числе лиц, совершивших данную категорию преступлений:

- женщины – 10,5 %
- не работающие и не учащиеся - 54,2 %
- ранее судимые – 20,8 %

Увеличилась доля осужденных с диагнозом «наркомания» с 8,2 % в 2006 году до 10,9 %, в истекшем, что произошло за счет увеличения доли осужденных этой категории граждан в городе Душанбе соответственно с 5,1 % до 15 %.

## *Ширкати шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҷиноёти вобаста маводи мухаддир дар кишварҳои ИДМ*

Дар тӯли чанд соли охир камшавии босуботи миқдори шаҳрвандони Тоҷикистон, ки бо ҷурми даст доштан дар ҷиноёти вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Россия дастгир шудаанд, идома меёбад.

## *Причастность граждан Таджикистана к наркопреступлениям в странах СНГ*

Устойчивое сокращение количества граждан Таджикистана, задержанных за причастность к незаконному обороту наркотиков в странах Центральной Азии и России, сохраняется на протяжении последних лет.

**Шахрвандони Тоҷикистон, ки дар кишварҳои ИДМ дастгир шуданд**
**Задержанные граждане Таджикистана в странах СНГ**




Қисми кобили мулоҳизаи маводи мухаддир ба Федератсияи Россия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ аз тарафи сокинони ш. Душанбе, ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд интиқол дода мешавад.

Значительная часть наркотиков вывозится в Российскую Федерацию и страны Центральной Азии жителями г. Душанбе, районов республиканского подчинения и Согдийской области.

**Таносуби ашхоси дастгиршуда аз рӯи ҷои истиқомат**
**Соотношение задержанных лиц по месту проживания**




**Миқдори маводи мухаддири мусодирашуда**

**Количество изъятых наркотиков**



Дар ҷумлаи онҳо қисми аз лиҳози иҷтимоъӣ фаъол ва қобили меҳнати аҳолии ҷумҳурӣ аз 30 то 49 сола афзалият дорад ва сабабгори он мушкилоти рушди иқтисодӣ ва бекорӣ мебошанд.

Сохраняется преобладание лиц, составляющих социально-активную часть трудоспособного населения республики в возрасте от 30 до 49 лет, чему способствуют трудности экономического развития республики, в том числе трудовая незанятость.

**Таносуби ашхоси дастгиршуда аз рӯи синну сол
Соотношение задержанных лиц по возрастной категории**




**Миқдори маводи мухаддири мусодирашуда
Количество изъятых наркотиков**




Муносиботи густурдаи байналмиллалии тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва афзоиши бо суръати ҳамлу нақли бору мусофирон имкон медиҳанд, ки онҳо барои қочоқи маводи нашъаовар тавассути наклиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан истифода шаванд.

Развитые международные торгово-экономические отношения и интенсивность грузопассажирских перевозок дают возможность использовать их для контрабандного перемещения партий наркотиков автомобильным и железнодорожным транспортом.

**Усулҳои интиқоли маводи нашъаовар
Способы транспортировки наркотиков**




**Усулҳои пинҳон кардани маводи нашъаовар
Способы сокрытия наркотиков**



Соли 2007 камшавии шумораи занҳои дастгиршуда ва миқдори маводи аз онҳо мусодирашуда ба қайд гирифта шуд.

Дар байни онҳо занҳои сокини вилоятҳои Хатлон ва Суғд афзалият доранд.

В 2007 году отмечено снижение, как количества задержанных женщин, так и объема изъятого у них наркотика.

В их числе преобладают жительницы Хатлонской и Согдийской областей.

**Таносуби занҳои дастгиршуда аз рӯи ҷои истиқомат**
**Соотношение задержанных женщин по месту проживания**




**Миқдори маводи нашъаовари мусодирашуда**
**Количество изъятых наркотиков**




Аз ҷиҳати синну сол занҳои аз 25 то 29 ва аз 30 то 49 сола афзалият доранд.

В возрастном составе превалируют женщины от 25 до 29 лет и от 30 до 49 лет.

**Таносуби занҳои дастгиршуда аз рӯи синну сол**
**Соотношение задержанных женщин по возрастной категории**




**Миқдори маводи нашъаовари мусодирашуда**
**Количество изъятых наркотиков**



## Мушахасоти воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира мешаванд

Таҳқиқи маҷмӯъии воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропии мусодирашуда, ки аз таҳқиқи борҷомаҳо (навъҳои борҷомаҳо, тарзи пинҳон намудани мавод ва таҳияи борҷомаҳо) ва ташхиси кимёвии сифатӣ ва миқдории мавод иборат мебошад, имкон медиҳад, ки моводи мусодирашуда мутобиқи меъёрҳои мухталиф таҷзия шавад ва сифатҳои хоси воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропии таҳқиқшавандаро дар давраи замонии муайян ошкор намояд.

Дар маҷмӯъ соли 2007 дар муқоиса бо соли 2006 бозори ҷиноии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропии ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тағйироти ҷиддӣ мувоҷеҳ нагардид.

Дар соли 2007 ҳодисаҳои ошкор намудани воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ, ки пештар дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира нашуда бошанд, ба қайд гирифта нашуданд. Дар гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар, чун пештара ду гурӯҳи асосӣ арзи вуҷуд менамояд:

- воситаҳои нашъадоре, ки аз растаниҳои гурӯҳи кӯкнор (хобовар) таҳия мешаванд, яъне афюн, ва воситаи нимасинтетикии нашъаовари героин;
- воситаҳои нашъадоре, ки аз растаниҳои гурӯҳи бангдона (каннабис) таҳия мешаванд, яъне банг ва ҳашиш.

Инчунин дар соли 2007, чун соли 2006, ҳодисаҳои алоҳидаи мусодираи курсҳои дорои моводи психотропии МДМА (3,4 - метилендиоксиметамфетамин) ба қайд гирифта шуданд.

Вале дар ин муддат дар таркиби сифатии афюн ва героини мусодирашаванда баъзе дигаргуниҳо зоҳир шуданд:

- сифати афюн хеле баланд шуд. Аксаран дар таркиби афюни мусодирашуда омехтаҳои бегона (моддаҳои бегонаи ғайриафюнӣ - орд, шакар ва ғайра) вуҷуд надошт;
- сифати героини шартан «тоза» (яъне героине, ки дар таркиби худ омехтаҳои бегонаи ғайриафюнӣ надорад) аз 25 % то 93 % -ро ташкил медиҳад (бо ҳисоб ба героини - гидрохлорид - моногидрат).

Намунаҳои чунин воситаҳои героиндори шартан «тоза» бо миқдори нисбатан пасти героин 25 - 40 % (бо ҳисоб ба

## Характеристика наркотических средств и психотропных веществ, изымаемых в Республике Таджикистан

Комплексное исследование изымаемых наркотических средств и психотропных веществ, включающее в себе как исследование упаковочных материалов (виды упаковочных материалов, способ сокрытия вещества и изготовление упаковок), так и качественный и количественный химический анализ вещества, позволяет проводить анализ изъятых веществ по различным критериям и выявлять особенности, присущие исследуемым наркотическим средствам и психотропным веществам в определенный временной период.

В целом, по сравнению с 2006 годом, в 2007 году криминальный рынок нелегальных наркотических средств и психотропных веществ в Республике Таджикистан не претерпел существенных изменений.

В 2007 году не было отмечено случаев обнаружения наркотических средств или психотропных веществ, ранее не изымавшихся на территории Республики Таджикистан. В незаконном обороте наркотических средств по-прежнему фигурируют две группы:

- наркотические средства, изготавливаемые на основе растений рода Мак опийный (снотворный) – опий-сырец и полусинтетическое наркотическое средство героин;
- наркотические средства, изготавливаемые на основе растений рода Конопля - каннабис и гашиш.

Так же, как и в 2006 году, в 2007 году отмечены отдельные случаи изъятия таблеток, содержащих психотропное вещество МДМА (3,4 - метилендиоксиметамфетамин).

Но в данный период времени появились некоторые изменения в качественном составе изымаемого опия и героина:

- значительно повысилось качество опия. В большинстве случаев в изъятом опии не содержалось инородных примесей (посторонних веществ не опийного происхождения – мука, сахар и т.д.);
- качество условно «чистого» героина (то есть героина, не содержащего инородных примесей не опийного происхождения) варьируется в пределах от 25% до 93% героина (в пересчете на героин-гидрохлорид-моногидрат). Образцы такого условно «чистого» героиносодержащего вещества с

героини - гидрохлорид-моногидрат) метавонанд дар таркиби худ 30 - 47 % 6 - моноатсетилморфин (бо ҳисоб ба 6-моноатсетилморфин-гидрохлорид), 6 - 10 % морфин (ба ҳисоб ба морфин-асос), 2,5 - 3,5 % атсетилкодеин (ба ҳисоб ба атсетилкодеин гидрохлорид) дошта бошанд. Ин моддаҳо маъмулан бӯи сахти сирко доранд;

относительно низким содержанием героина 25-40% (в пересчете на героин-гидрохлорид-моногидрат) могут содержать 30-47% 6-моноацетилморфина (в пересчете на 6-моноацетилморфин-гидрохлорид), 6-10% морфина (в пересчете на морфин-основание), 2,5-3,5% ацетилкодеина (в пересчете на ацетилкодеин гидрохлорид). Эти вещества, как правило, имеют сильный запах уксуса;




- аксаран моддаҳои героиндори мусодирашуда дар қатори героин, 6 - моноатсетилморфин, атсетилкодеин (дар ҳолатҳои алоҳида инчунин морфин) дар таркибашон ҳамчун омехтаи бегона кофеин доранд. Миқдори кофеин хеле зиёд ва аз миқдори 6 – моноатсетилморфин ва атсетилкодеин бештар аст. Таркиби героин дар чунин намунаҳо 40 - 60 % -ро (бо ҳисоби героин - гидрохлорид - моногидрат) ташкил медиҳад. Як қатор нишонаҳое, ки дар рафти таҳқиқи ин гуна моддаҳои героиндор ошкор мегарданд, имконият медиҳанд тахмин кунем, ки кофеинро ба моддаҳо бевосита худи истеҳсолкунандагони героин илова мекунанд;

- в большом количестве изъятий героиносодержащее вещество наряду с героином, 6-моноацетилморфином, ацетилкодеином (в отдельных случаях имеется также и морфин) содержит в качестве инородной примеси кофеин. Количество кофеина весьма значительно и превышает количественное содержание 6-моноацетилморфина и ацетилкодеина. Содержание героина в таких образцах составляет 40-60% (в пересчете на героин-гидрохлорид-моногидрат). Ряд признаков, выявляемых при исследовании этих героиносодержащих веществ, позволяет предположить, что кофеин добавляется в вещество непосредственно самими производителями героина;



- дар тафовут бо соли гузашта, хеле кам намунаҳои моддаҳои героиндор, ки дар таркибашон алкалоиди афюнии носкапин мавҷуд бошад, ба қайд гирифта шуданд.

- значительно реже, в отличие от предыдущего года встречались образцы героиносодержащего вещества, в которых отмечается наличие опийного алкалоида носкапина.



Соли 2007 усулҳои интиқоли героин, ки пештар ошкор нашуда буданд, ба қайд гирифта шуданд. Барои пинҳон намудани героин дар ин ҳолатҳо намуди зоҳирии маводи нашъаовар тамоман дигаргун карда шуда буд. Героин ҳамчун маҳлули равғану чарбу якҷо бо гӯштбирён интиқол дода мешуд. Дар ин маҳлул барои пинҳон кардани героин моддаҳое истифода шуда буданд, ки бо героин ба реаксияи химиявӣ намедароянд, яъне моддаҳои химиявии нисбати героин беҳаракат.

В 2007 году были зафиксированы не выявлявшиеся ранее способы транспортировки героина, когда для его сокрытия был полностью изменен естественный внешний вид вещества. Героин перевозился в виде масляно-жировой смеси с жареным мясом. В этой смеси для сокрытия героина применялись материалы, не вступающие в химическую реакцию с героином, то есть вещества химически инертные по отношению к героину.





Ҳамчун махфигоҳи ғайри оддӣ барои интиқоли героин ба сифати борҷома истифодабарии пораҳои картон, ки аз қуттиҳои картонии қабатдор таҳия шудаанд, шурӯъ шуд.

В качестве необычных тайников для перевозки героина стал использоваться и такой упаковочный материал, как отрезки картонных коробок, которые изготовлены из картона с гофрированной прослойкой.









# АФҒОНИСТОН ПЕШГОМИ ТАВЛИДИ ҶАҲОНИИ АФЮН

# АФГАНИСТАН – МИРОВОЙ ЛИДЕР ПО ПРОИЗВОДСТВУ ОПИЯ

### *Кишти кӯкнор дар Афғонистон дар соли 2007*

Мутобиқи маълумоти Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ:

- соли 2007 кишти кӯкнор дар ҷаҳон ба сатҳи баландтарин расид;

- инҳисори кишти кӯкнор ва истеҳсоли маводи нашъаовари гурӯҳи афюнӣ мутаалиқ ба Афғонистон мебошад ва ҳиссаи он дар микёси ҷаҳонӣ мутаносибан 82 % ва 93 % мебошад;

- майдонҳои кишти кӯкнор дар Афғонистон дар соли 2007, сарфи назар аз афзудани шумораи вилоятҳои аз кишт озод, аз 6 то 13, ба ҳаҷми болотарин дар таърихи кишвар расид.

### *Культивация опийного мака в Афганистане в 2007 году*

По официальным данным УНП ООН в 2007 году:

- мировое производство опия достигло наивысшего уровня;

- основным монополистом по культивированию опийного мака и производству наркотиков опийной группы является Афганистан, его доля в мировом масштабе соответственно составляет 82% и 93%;

- посевные площади опийного мака в Афганистане, несмотря на увеличение с 6 до 13 провинций, свободных от посевов, достигли рекордных за всю историю страны величин.




Афзоиши шадиди майдонҳои кишт дар ҷануб (+ 31 %), ғарб (+ 44 %) ва шарқи кишвар (+ 148 %) сурат гирифт. Дар қаламрави бо Покистон ҳамсарҳади самтҳои мазкур «минтақаи қабоили озод» воқеъ мебошад, ки ба ҳукумат итоат намекунад ва фаъолияти зиддидавлатии ҳаракати «Толибон» вусъат меёбад.

Дар панҷ вилояти бо Покистон ҳамсарҳад қариб 70 % кӯкнор парвариш шудааст, танҳо дар вилояти Ҳилманд 53 % масоҳати умумии майдонҳои кишт (102,770 ҳазор гектар) мутамарказ шудааст.

Произошло резкое увеличение объемов посевных площадей на юге (+31 %), западе (+44 %) и востоке страны (+148 %), где в приграничных с Пакистаном территориях располагается неподконтрольная правительству так называемая «зона свободных племен» и активизировалась антиправительственная деятельность движения «Талибан».

В пяти провинциях, граничащих с Пакистаном, выращено около 70% опийного мака, только в провинции Гельменд сосредоточено 53% (102,770 тыс. га) от их общего объема.




Ҳиссаи ***Шимол ва Шимолу Шарқии Афғонистон***, ки бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамсарҳад мебошад, ҳамагӣ 3 % ҳаҷми умумии кишти кӯкнорро ташкил медиҳад. Дар муқоиса ба соли гузашта кишти кӯкнор дар ин манотиқ мутаносибан 78 % ва 68 % коҳиш ёфтааст.

Ба тағйироти ба амаломада нигоҳ накарда, ҳаҷми кишти кӯкнор дар вилоятҳои Шимолии Афғонистон, ки бо ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон ҳамсарҳад мебошанд, назар ба вилоятҳои Шимолу Шарқии ҳаммарзи Тоҷикистон нисбатан баланд аст.

На долю ***Северного и Северо-Восточного Афганистана***, граничащего со странами Центральной Азии, приходится лишь по 3% объемов посевов опийного мака. В сравнении с прошлым годом культивирование опийного мака в этих регионах снизилось соответственно на 78 % и 68 %.

Несмотря на происшедшие изменения, объем культивирования опийного мака в Северных провинциях Афганистана, граничащих с республиками Узбекистан и Туркменистан, значительно выше, чем в Северо-Восточных, граничащих с Таджикистаном.



Фоидаи зиёди афюн дар муқоиса ба дигар маҳсулоти хоҷагии қишлоқ (фоиданокӣ ба ҳисоби доллари ШМА аз ҳар гектар: аз афюн - 5200, аз ғалладона - 546) то андозаи муайян деҳқононро ба кишти он моил мекунад. Соли 2007 теъдоди оилаҳое, ки кӯкнор кишт карда буданд, 14 % афзиш ёфт ва 3,3 миллион нафар ва ё 14,3 % аҳолии Афғонистонро ташкил дод.

Аммо тибқи маълумоти Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ дар вилоятҳое, ки сатҳи камбағалии аҳолӣ баланд мебошад, коҳиши теъдоди оилаҳои ба кишти ғайриқонунӣ ҷалбгардида ба назар мерасад ***(дар вилоятҳои Шимолӣ аз 18 % то 2 % ва Шимолу Шарқӣ аз 15 % то 7 %)***. Дар айни замон, нишондиҳандаи аз ҳама баландтарини ҷалби аҳолӣ ба кишти кӯкнор ***(48 %)*** дар минтақаи ***Ҷанубӣ*** ба қайд гирифта шудааст ва фоидаи фермерҳои ба кишти кӯкнор ҷалбшуда ва ҷалбнашуда дар он ҷо ба маротиб аз дигар минтақа баланд аст. Ба ҳамин тартиб наметавон гуфт, ки афзоиши кишти афюн дар соли 2007 танҳо ба камбизоатии фермерҳо вобаста мебошад.

Высокая прибыльность опия в сравнении с легальными сельхозпродуктами (прибыльность в долларах США с гектара: от опия – 5200, от зерновых – 546) в определенной степени стимулирует дехкан к его культивированию. В 2007 году количество семей, культивирующих опийный мак, увеличилось на 14%, что составило 3,3 млн. человек или 14,3 % населения Афганистана.

Однако, по данным УНП ООН, в провинциях с наиболее высоким уровнем бедности населения наблюдается сокращение количества семей, вовлеченных в его незаконное культивирование ***(в Северном с 18% до 2% и Северо-Восточном с 15% до 7%)***. Между тем, наивысший показатель вовлечения населения в культивацию опийного мака ***(48%)*** зафиксирован в ***Южном регионе***, где доходы фермеров, как вовлеченных, так и не вовлеченных в культивирование опийного мака, намного выше, чем в других регионах. Таким образом, выращивание опийного мака в 2007 году нельзя отождествлять только с бедностью фермеров.

## *Истеҳсоли афюн дар Афғонистон дар соли 2007*

Обу ҳавои мусоид ва афзоиши бесобиқаи майдонҳои кишт барои ба даст овардани ҳосили аз ҳама калонтарин дар таърихи Афғонистон мусоидат намуд.

## *Производство опия в Афганистане в 2007 году*

Благоприятные погодные условия и беспрецедентное увеличение посевных площадей способствовали получению рекордного урожая, первого по величине в истории Афганистана.



Мутамарказ шудани 81 % истеҳсоли афюн дар ***Ҷануб ва Ҷанубу Ғарбии Афғонистон*** вазъияти бозори афюнро муайян намуд. Дар минтақаи ***Ҷанубӣ*** истеҳсоли афюн дар муқоиса ба соли гузашта 55 % (5745 тонна) афзоиш ёфт. Ҳосили аз ҳама баландтарин 4399 тонна, ки 53 % истеҳсоли умумии афюнро ташкил медиҳад, вилояти ҷанубии Ҳилмандро ба яке аз калонтарин содиркунандагони маводи нашъаовари афюнӣ дар бозори ҷаҳонӣ табдил дод.

Сосредоточение 81% производства опия в ***Южном и Юго-Западном Афганистане*** определило ситуацию на опийном рынке. В ***Южном*** регионе производство опия в сравнении с прошлым годом увеличилось на 55% (5745 тонн). Рекордный урожай в 4399 тонн, что составляет более 53% общего производства, превратил южную провинцию Гельменд в крупнейшего поставщика опиатов на мировой рынок.




Дар ***Шимол ва Шимолу Шарқии Афғонистон*** истеҳсоли афюн ҳамагӣ 2,4 % ва 2,8 % - ро ташкил дод ва мутаносибан коҳиши он то 73 % ва 67 % мушоҳида гардид.

Вале сатҳи истеҳсоли афюн дар вилоятҳои Шимолии бо Ӯзбекистон ва Туркманистон ҳамсарҳади Афғонистон назар ба вилоятҳои Шимолу Шарқии ҳаммарзи Тоҷикистон ба андозаи қобили мулоҳиза баланд аст.

В ***Северном и Северо-Восточном Афганистане*** производство опия составило лишь 2,4% и 2,8%, снижение отмечено соответственно на 73% и 67%.

Вместе с тем уровень производства опия в Северных провинциях Афганистана, граничащих с республиками Узбекистан и Туркменистан, значительно выше, чем в Северо-Восточных, граничащих с Таджикистаном.



Нархи миёнаи афюн дар Афғонистон, сарфи назар аз афзоиши шадиди истеҳсоли он, ба тағйироти ҷиддӣ мувоҷеҳ нагардид ва ҳамагӣ 2 % коҳиш ёфт.

Қимматҳои аз ҳама баландтарини афюн дар минтақаҳои ***Шарқӣ*** ва ***Марказӣ*** ва кимматҳои аз ҳама камтарин дар минтақаҳои ***Шимол*** ва ***Шимолу Шарқӣ*** ба қайд гирифта шуданд.

Ба ақидаи мутахассисон нархгузории афюн дар соли 2007 дар Афғонистон ба омилҳои зерин вобаста аст:

- дар манотиқи ***Шарқӣ ва Марказӣ*** - коҳиши қобили мулоҳизаи ҳаҷми кишти кӯкнор дар Мянма ва Лаос. Бо ҳамин сабаб шароит барои афзоиши ҳаҷми содироти афюни афғонӣ ба Хитой, Ҳиндустон ва Осиёи Ҷанубӣ - Шаркӣ, ки дар он ҷо талабот ба маводи нашъадори гурӯҳи афюнӣ қаблан аз ҳисоби кишварҳои «Секунҷаи тиллоӣ» таъмин мешуд, мусоидат мекунад;

- ***дар манотиқи Шимолӣ ва Шимолу Шарқӣ*** - камбуди прекурсорҳо ва интиқоли миқдори қобили мулоҳизаи афюни истеҳсолшуда ба ҷануби Афғонистон ҷиҳати коркарди минбаъдаи он ба морфин ва героин.

Средние цены на опий в Афганистане, несмотря на резкое увеличение его производства, не претерпели существенных изменений и сократились лишь на 2%.

Наивысшие цены на опий зафиксированы в ***Восточном*** и ***Центральном*** регионах, самые низкие в ***Северном*** и ***Северо-Восточном***.

По мнению специалистов, ценообразование на опий в Афганистане 2007 году обусловлено:

- в ***Восточном*** и ***Центральном*** регионах - значительным снижением объемов культивирования опийного мака в Мьянме и Лаосе. В связи с этим имеются предпосылки увеличения объемов экспорта опия афганского происхождения в Китай, Индию и Юго-Восточную Азию, где спрос на наркотики опийной группы ранее покрывался произведенными в странах «Золотого треугольника»;

- в ***Северном*** и ***Северо-Восточном*** регионах - дефицитом прекурсоров и вывозом значительного объема произведенного опия на юг Афганистана для его дальнейшей переработки в морфин/героин.

## *Даромадҳо*

Даромад аз содироти маводи нашъадори афғонӣ ба кишварҳои ҳамсоя соли 2007 то 29 % афзоиш ва ба чор миллиард доллари ШМА (ба шумули фоидаи фермерҳо дар ҳаҷми 1 миллиард доллари ШМА + соҳибони лабораторияҳо ва нашъаҷаллобон дар ҳаҷми 3 миллиард доллари ШМА) расид ва 53 % тамоми даромади умумии мамлакатро ташкил дод, ки тибқи маълумоти Бонки рушди Осиё соли гузашта 7,5 миллиард доллари ШМА -ро ташкил дод.

## *Доходы*

Доходы от экспорта афганских наркотиков в соседние страны в 2007 году выросли на 29% и достигли четырех миллиардов долларов США (включая доходы фермеров в 1 млрд. долларов США + владельцев лабораторий и наркодилеров в 3 млрд. долларов США), что соответствует 53 % всего валового внутреннего дохода страны, который по сведениям Азиатского банка развития в истекшем году составил 7,5 миллиардов долларов США.



### *Истеъмоли маводи нашъаовари гурӯҳи афюнӣ дар Афғонистон, мусодираи мухаддирот бо кӯшиши хадамоти махсуси афғонӣ*

Мутобиқи маълумоти Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷиноятқорӣ дар Афғонистон қариб 148 ҳазор нафар истеъмолкунандагони афюн ва 50 ҳазор нафар истеъмолкунандагони героин мавҷуд аст ва онҳо ҳар сол 157 тонна мухаддироти афюниро истеъмол менамоянд.

Ба асоси маълумоти мақомоти давлатии Афғонистон ва Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷиноятқорӣ соли 2007 хадамоти махсуси афғонӣ аз муомилоти ғайриқонунӣ қариб 105 тонна маводи нашъаовар мусодира намудаанд.

Ҳамин тариқ, ҳар сол қариб 4 % маводи гурӯҳи афюнии дар Афғонистон истеҳсолшуда дар дохилӣ он мемонад.

### *Потребление опиатов внутри Афганистана, изъятия наркотиков усилиями афганских спецслужб*

По данным УНП ООН в Афганистане имеется около 148 тысяч потребителей опия и 50 тысяч потребителей героина, которые ежегодно потребляют около 157 тонн опиатов.

По данным афганских властей и УНП ООН в 2007 году афганскими спецслужбами из незаконного оборота изъято около 105 тонн опиатов.

Таким образом, ежегодно около 4 % произведенных в Афганистане опиатов оседает в стране.

### *Паҳншавии мухаддироти афюнии афғонӣ*

Зиёд шудани арзиши афюни истеҳсолшуда то 32 % ва нархи содироти он то 29 %, дар баробари 34 % афзудани истеҳсоли он, бо коҳиши арзиши героин ва афюн дар кишварҳои ҳамҷавори Афғонистон робитаи мутақобила дорад.

Содироти афюн аз Афғонистон соли 2007 68 % ва содироти морфин/героин ҳамагӣ 20 % афзоиш ёфт. Чунин тафовути назаррас дар таносуби маводи нашъадори содиршаванда ба ҷоннок шудани фаъолияти кувваҳои давлатӣ дар самти ошкору маҳви лабораторияҳои истеҳсолкунандаи маводи нашъаовар ва баста шудани роҳҳои воридоти прекурсорҳо ба қаламрави ин кишвар вобаста мебошад.

Дар тӯли солҳои охир тамоили устувори коҳиши ҳаҷми интиқоли маводи нашъаовари афғонӣ тавассути Хати сайри шимолӣ аз тариқи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бозорҳои ИДМ ва давлатҳои Аврупо мушоҳида мешавад.

Ба ақидаи мутахассисони Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо хулосаи коршиносони Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷиноятқорӣ мувофиқат дорад, коҳиши интиқоли транзитии маводи нашъаовар аз Афғонистон тавассути кишварҳои Осиёи Марказӣ бо сабабҳои зерин вобаста мебошад:

- ҷоннок гардидани фаъолияти

### *Распространение афганских опиатов*

Увеличение стоимости произведенного опия на 32 % и стоимости его экспорта на 29 %, наряду с увеличением объема его производства на 34 %, взаимосвязано со снижением цен на героин и опий в приграничных с Афганистаном странах.

Экспорт опия из Афганистана в 2007 году увеличился на 68 %, в то время как экспорт морфин/героина лишь на 20%. Столь значительная разница в соотношении экспортируемых наркотиков объясняется активизацией правительственных сил по выявлению и уничтожению нарколабораторий и пресечению поступления на территорию страны прекурсоров.

На протяжении последних лет наблюдается устойчивая тенденция сокращения объема афганских наркотиков, проходящих транзитом по Северному маршруту через страны Центральной Азии на рынки стран СНГ и Европейских государств.

По мнению специалистов Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан, которое совпадает с выводами экспертов УНП ООП, сокращение транзита наркотиков из Афганистана в страны Центральной Азии объясняется следующими причинами:

- активизацией деятельности афганских спецслужб по борьбе с культивированием, производством опийного мака и поставками прекурсоров в

хадамоти махсуси Афғонистон дар самти мубориза бо кишту истеҳсоли кӯкнор ва воридоти прекурсорҳо ба қисмати Шимолӣ ва Шимолу Шарқии ҶИА, ки тавассути нерӯҳои давлатӣ ва эътилофӣ назорат карда мешавад, ба равандҳои зерин мусоидат намуд:

- коҳиши сатҳи кишти кӯкнор ва истеҳсоли афюн;
- камшавии истеҳсоли морфин/героин;
- камбуди прекурсорҳо;

• интиқоли миқдори зиёди афюни дар манотиқи Шимол ва Шимолу Шарқӣ истеҳсолшуда ба Ҷануби Афғонистон барои коркарди минбаъда, ки омили ниҳоят паст гардидани киммати афюн барои истеҳсолкунандагонаш шудааст;

• мутамарказ шудани 82 % истеҳсоли афюн дар Ҷануб ва Ҷанубу Ғарбии Афғонистон, ки дар он ҷо нерӯҳои зиддидавлатӣ фаъол мебошанд ва имкони воридоти прекурсорҳо мавҷуд аст;

• интиқоли маводи нашъаовари афғонӣ ба Хитой, Ҳиндустон ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо сабаби коҳиши шадиди истеҳсоли афюн дар кишварҳои «Секунҷаи тиллоӣ», ки содиркунандагони асосии маводи нашъаовар ба манотиқи мазкур буданд.

## Арзёбии дурнамо

Ҳангоми арзёбии дурнамои вазъи вобаста ба маводи нашъаовар дар Афғонистон бояд омилҳои ***мусоид ва номусоиди*** рушди он ба инобат гирифта шаванд:

***Омилҳои мусоид:***

- таҳкими ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо;
- ба субот омадани вазъи ҷамъиятӣ - сиёсии мамлакат дар натиҷаи расидан ба оштии миллӣ, халъи силоҳ намудани дастаҳои ҷангии тарафҳои мухолиф ва таъмини ваҳдати ақоиди сиёсӣ;
- ташкил намудани ҷойҳои корӣ, инкишофи соҳаи кишоварзӣ бо роҳи расонидани кӯмаки молӣ ба деҳқонон, ба онҳо додани қарзҳо барои харидории тухмӣ, нуриҳои минералӣ, кафолати фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ;
- ташкили муборизаи ҳақиқӣ алайҳи истеҳсоли маводи нашъаовар ва коррупсия.

Инкишофи омилҳои мусоиди мазкур дар ояндаи наздик пояҳои иқтисоди афюниро кандан наметавонанд. Вале татбиқи пайгирона ва ҳадафноки онҳо метавонад барои ба эътидол омадани вазъи вобаста ба маводи нашъаовар дар

Северной и Северо-Восточной части ИРА, контролируемой правительственными и коалиционными силами, что повлекло за собой:

- снижение уровня культивирования и производства опийного мака;
- сокращение производства морфина/героина;
- дефицит прекурсоров;

• вывоз значительного объема произведенного в Северном и Северо-Восточном регионах опия на юг Афганистана для его дальнейшей переработки, что обусловило самые низкие цены на опий у производителей;

• сосредоточением 82 % производства опия в Южном и Юго-Западном Афганистане, где активизировалась деятельность антиправительственных сил, и имеются возможности незаконного поступления прекурсоров;

• перемещением наркотиков афганского происхождения в Китай, Индию и Юго-Восточную Азию, обусловленным значительным сокращением производства опия в странах «Золотого треугольника», являвшихся основным поставщиками наркотиков в эти регионы.

## Прогнозные оценки

Прогнозируя наркоситуацию в Афганистане, следует учитывать ***благоприятные и неблагоприятные факторы*** ее развития:

***Благоприятные факторы*** подразумевают:

- укрепление государственной власти на местах;
- стабилизацию общественно-политической обстановки в стране в результате достижения национального перемирия, разоружения боевых формирований, противоборствующих группировок и выработки единства политических взглядов;
- создание рабочих мест, развитие сельского хозяйства путем оказания финансовой поддержки крестьянам, предоставления им кредитов на закупку семян, удобрений, гарантию сбыта сельхозпродукции;
- организацию реальной борьбы с производством наркотиков и коррупцией.

Развитие перечисленных благоприятных факторов не может в ближайшей перспективе подорвать основы опийной экономики. Вместе с тем,

Афғонистон таъсири мусбат расонад.

***Омилҳои номусоид*** ҳолатҳое мебошанд, ки субота низоми ҷамъиятӣ - сиёсӣ ва иқтисодии Афғонистонро таҳдид мекунанд ва онҳо карори шарҳи зайланд:

- мавҷуд набудани ҳокимияти воқеъии давлатӣ дар баъзе вилоятҳо;

- ихтилофоти миллӣ - қавмӣ ва коррупсия дар сатҳи мақомоти олии ҳукумат;

- ҷоннок шудани фаъолияти мухолифони мусаллаҳ ва нерӯҳои зиддидавлатӣ дар минтақаҳои ***Ҷанубӣ ва Ҷанубу Шарқӣ***;

- сатҳи баланди ҷалбшавии аҳолӣ ба кишт ва истеҳсоли кӯкнор дар вилоятҳои сарватманду ҳосилхези минтақаи ***Ҷануб***, дар ҳоле, ки дар вилоятҳои камбағали ***Шимол*** манъ намудани кишти кӯкнор муссиртар аст;

- дар сурати мавҷудият ва бақои бозори ғайрирасмии маводи нашъаовар дар мамлакат деҳқонони хоҳишманди кишти кӯкнор метавонад барои ҳосили оянда маблағ қарз намоянд ва барои фурӯши маҳсулот бозори тазминшуда дошта бошанд;

- истифода аз хатари эҳёи ҳаракати «Толибон» аз тарафи дастаҳои мусаллаҳи қавмӣ дар ***Шимоли*** Афғонистон ҳамчун баҳона барои мусаллаҳшавӣ, таҳкими назорати манотиқи марбути онҳо ва роҳҳои содироти маводи нашъаовар;

-талаботи баланд ба маводи нашъаовари афғонӣ дар бозорҳои истеъмолии ҷаҳонӣ бақои иқтисоди афюниро, ки амалан нимаи даромади маҷмӯъии Афғонистонро ташкил медиҳад, таъмин менамояд;

- болоравии талабот ба маводи нашъаовари истеҳсоли афғонӣ дар Хитой, Ҳиндустон ва мамлакатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо сабаби коҳиши назарраси истеҳсоли маводи нашъаовар дар кишварҳои «Секунҷаи тиллоӣ»;

- пайвастшавии молии шабакаҳои террористӣ ва тиҷорати байналмиллалии маводи нашъаовар.

Инкишофи омилҳои номусоид метавонанд ба раванди эътидоли сиёсӣ дар Афғонистон таъсири манфӣ расонанд, заминаи истеҳсоли беназорати маводи нашъаоварро дар Афғонистон, ки фоидаи аз он ҳосилшуда манбаи асосии маблағгузории созмонҳои террористӣ мебошад, мусоид созанд, коррупсионеронеро, ки дар сатҳи олии ҳокимият фаъолона алайҳи мубориза бо

последовательная и целенаправленная их реализация может оказать позитивное влияние на стабилизацию наркоситуации в Афганистане.

Как ***неблагоприятные факторы*** следует рассматривать ситуации, угрожающие стабильности общественно-политического строя и экономики Афганистана, к которым относятся:

- отсутствие реальной правительственной власти в некоторых провинциях;

- национально-этнические, идеологические противоречия и коррумпированность в высших эшелонах власти;

- активизация деятельности вооруженной оппозиции и антиправительственных сил в ***Южном*** и ***Юго-Восточном*** регионах;

- наивысший показатель вовлечения населения в культивацию и производство опийного мака в богатых и плодородных областях ***Южного региона***, тогда как в беднейших ***Северных*** провинциях запрет на опий оказался более эффективным;

- наличие в стране неофициального наркорынка, при существовании которого дехкане, пожелавшие выращивать опий, могут получить аванс под будущий урожай и гарантированный канал сбыта продукции;

- использование этническими формированиями на ***Севере*** Афганистана угрозы возрождения движения «Талибан», как оправдание для вооружения и усиления контроля над управляемыми территориями и маршрутами экспорта наркотиков;

- высокий спрос на афганские наркотики на мировом рынке потребления, что влияет на сохранение опийной экономики, которая составляет практически половину ВВП Афганистана;

- увеличение спроса на наркотики афганского «происхождения» в Китае, Индии и странах Юго-Восточной Азии в связи со значительным сокращением производства наркотиков в странах «Золотого треугольника»;

- финансовое сращивание террористической сети и международной наркоторговли.

Вариант развития неблагоприятных факторов может вызвать негативные последствия для достижения политической стабильности в Афганистане, создать предпосылки к неконтролируемому производству наркотиков в Афганистане, доходы от которых являются основным средством финансирования

маводи нашъаовар дар мамлакат муковимат мекунанд, таъмин намоянд.

### *Барои муқобилияти муассир бо таҳдиди маводи нашъаовар аз Афғонистон зарур аст, ки:*

- талошҳои муштараки чомеаи чаҳонӣ дар мубориза бо маводи нашъаовар фаъол карда шаванд;
- сатҳи ҳамоҳангӣ дар кори мубориза бо қочоқи маводи нашъаовар аз Афғонистон баланд карда шавад;
- дар атрофи ҶИА «камарбанди амнияти зидди маводи нашъаовар» ташкил ва мустаҳкам карда шавад ва ҳамзамон ба ин кишвар дар кори таъсиси сохторҳои миллии мубориза алайҳи муомилоти ғайриконунии маводи нашъаовар ва тарбияи кадрҳо кӯмак расонида шавад;
- аз болои муомилоти прекурсорҳо бо мақсади ҷилавгирӣ аз воридшавии ғайриконунии онҳо ба Афғонистон назорати муассир ҷорӣ карда шавад.

террористических организаций, подпитывают коррупционеров в высших эшелонах власти, активно противодействующих борьбе с наркотиками в стране.

### *Для эффективного противодействия наркоугрозе, исходящей из Афганистана, необходимо:*

- активизировать совместные усилия мирового сообщества в борьбе с наркотизмом;
- повысить уровень координации в борьбе с контрабандой наркотиков из Афганистана;
- создавать и укреплять «пояса антинаркотической безопасности» вокруг ИРА, одновременно оказывая этой стране помощь в становлении национальных учреждений, борющихся с незаконным оборотом наркотиков и подготовке специалистов;
- установить действенный контроль за оборотом прекурсоров с целью недопущения их незаконного поступления в Афганистан.

# Назорати муомилоти воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ

# Контроль за оборотом наркотических средств и психотропных веществ

Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи карордодҳо ва созишномаҳои каблан тасвибшуда ӯҳдадориҳои ба дӯши худ гирифтаашро дар соҳаи таъмини назорати гардиши ошкорои воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ иҷро менамояд.

Бо дарназардошти аҳамияти ҳамкории байниидоравӣ дар амри татбиқи муваффақонаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи назорати мухаддирот, нақшаҳои чорабиниҳои муштараки Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вазорату идораҳои ҳамкорикунанда тасдиқ ва амалӣ карда мешаванд.

Дар тӯли соли сипаришуда 256 санҷиши нозиротӣ дар муассисоти тандурустӣ бо мақсади баррасии ҳолати риояи қоидаҳои муомилоти воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ гузаронида шуд ва дар натиҷа 19 пешниҳод барои рафъи камбудиҳо ва 4 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд.

Бо мақсади пешгирии вайронкунии қоидаҳои муомилоти воситаҳои назоратшаванда мунтазам семинарҳо ва «мизҳои мудаввар» бо иштироки кормандони вазорату идораҳое, ки дар фаъолияти худ воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропиро истифода менамоянд, гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, дар ин вохӯриҳо, дар қатори дигар масъалаҳо, ба ҳозирин асноди меъёрӣ - қонунгузорӣ, ки муомилоти воситаҳои назоратшавандаро танзим мекунанд, тавзеҳ мешаванд.

Иҷозатномадиҳии фаъолият дар соҳаи муомилоти воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ ба ӯҳдаи Маркази назорати давлатии фаъолияти дорусозӣ ва тиббии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст. Соли 2007 18 иҷозатнома, 13 шаҳодатнома барои ворид намудани воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ дода шудааст.

В соответствии с ранее ратифицированными международными договорами и соглашениями Республика Таджикистан выполняет возложенные на нее обязательства в сфере обеспечения контроля за легальным оборотом наркотических средств и психотропных веществ.

С учетом важности межведомственного взаимодействия в успешной реализации государственной политики в области контроля над наркотиками, утверждены и реализовываются планы совместных мероприятий Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан с взаимодействующими министерствами и ведомствами.

В течение истекшего года проведено 256 инспекторских проверок учреждений здравоохранения на предмет соблюдения правил оборота наркотических средств и психотропных веществ, по результатам которых выдано 19 представлений для устранения недостатков и возбуждено 4 уголовных дела.

С целью предупреждения нарушений правил оборота контролируемых веществ регулярно проводятся семинары и «круглые столы» с участием работников министерств и ведомств, использующих в своей деятельности наркотические средства и психотропные вещества. В частности, на этих встречах наряду с другими вопросами участникам были разъяснены нормативно-законодательные акты, регламентирующие оборот контролируемых веществ.

Лицензирование деятельности в сфере оборота наркотических средств и психотропных веществ возложено на Центр по государственному надзору за фармацевтической и медицинской деятельностью Министерства здравоохранения Республики Таджикистан. В 2007 году выдано 18 лицензий, 13 свидетельств на ввоз наркотических средств и психотропных веществ.

## Назорати муомилоти прекурсорҳо
## Контроль за оборотом прекурсоров

Назорати муомилоти прекурсорҳо ва пешгирӣ аз воридшавии онҳо ба гардиши ғайриқонунӣ қисми таркибии тамоми чорабиниҳои маҷмӯъи вобаста ба мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадориҳоеро, ки аз конвенсияҳои байналмиллалӣ оид ба мубориза бо воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо бармеоянд, бе майлон иҷро ва муомилоти онҳоро ҷиддан назорат менамояд.

Заминаи меъёрӣ - ҳуқуқӣ ва системаи назорати дар Тоҷикистон ташкилшуда, назорати самараноки муомилоти прекурсорҳоро таъмин менамояд. Бо ин мақсад феҳрасти корхонаҳои дар истеҳсолот истифодабарандаи прекурсорҳо таҳия мешавад, дар корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои тандурустӣ, илмӣ ва маорифи ҷумҳурӣ мунтазам санҷишҳо сурат мегиранд, вохӯрӣ ва семинарҳо оид ба масоили риояи қоидаҳои муомилоти қонунии прекурсорҳо ташкил карда мешаванд.

Дар чорчӯбаи лоиҳаи Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ "Назорати прекурсорҳо дар Осиёи Марказӣ" манбаъи маълумот оид ба гардиши прекурсорҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ ташкил меёбад (NDS-6.0). Лоиҳаи NDS-6.0. имкон медиҳад, ки тамоми маълумоти вобаста ба хариду фурӯши моддаҳои назоратшаванда, аз гирифтани иҷозатнома ва шаҳодатнома барои воридот ва ё содирот, то тақсими онҳо дар байни истеъмолгарони ниҳоӣ зери назорат гирифта шавад. Манбаъи мазкур назорат ва танзими маълумотро оид ба истифодабарӣ, захираҳои маводи назоратшаванда, инчунин оиди мусодираи онҳо осон менамояд.

Яке аз шаклҳои назорати муомилоти прекурсорҳо бо мақсади пешгирии воридшавии онҳо ба гардиши ғайриқонунӣ ин додани иҷозатномаҳо мебошад.

3 апрели соли 2007 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаро дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият тасдиқ намуд. Дар асоси Низомномаи мазкур, дар қатори воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, инчунин фаъолият дар соҳаи муомилоти қонунии прекурсорҳо тибқи иҷозатнома сурат мегирад.

Контроль за оборотом прекурсоров и предотвращение их утечки в незаконные каналы является неотъемлемой частью всего комплекса мер борьбы с незаконным оборотом наркотиков в Республике Таджикистан.

Республика Таджикистан неукоснительно выполняет обязательства, вытекающие из международных конвенций по борьбе с наркотическими средствами, психотропными веществами и прекурсорами, и осуществляет строгий контроль за их оборотом.

В Таджикистане создана нормативно-правовая база и система контроля, позволяющая осуществлять эффективный мониторинг за оборотом прекурсоров. В этих целях ведется реестр предприятий, использующих в производстве прекурсоры, регулярно проводится их инспектирование, организовываются встречи и семинары по вопросам соблюдения правил законного оборота прекурсоров в промышленных предприятиях, учреждениях здравоохранения, науки и образования республики.

В рамках проекта Управления ООН по наркотикам и преступности «Контроль над прекурсорами в Центральной Азии» формируется база данных о движении прекурсоров на территории республики (NDS-6.0). NDS-6.0 позволяет прослеживать всю информацию по сделкам с контролируемыми веществами, начиная от выдачи лицензий и разрешений на ввоз или вывоз, и заканчивая распределением среди конечных потребителей. Она облегчает мониторинг и управление сведениями о потреблении, запасах контролируемых веществ, а также об их изъятиях.

Одной из форм контроля за оборотом прекурсоров, которая направлена на предотвращение утечки этих веществ в незаконные каналы, является лицензирование.

3 апреля 2007 года Правительством Республики Таджикистан утверждено Положение об особенностях лицензирования отдельных видов деятельности. В соответствии с этим Положением наряду с наркотическими средствами и психотропными веществами также лицензируется деятельность в сфере

Сохтори Ҳайати иҷозатномадиҳӣ оид ба додани иҷозатномаҳо дар соҳаи муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо таҷдиди назар шуд ва дар таркиби он намояндагони вазоратҳои тандурустӣ ва корҳои дохилӣ шомил шуданд. Додани иҷозатномаҳо дар соҳаи муомилоти прекурсорҳо ба ӯҳдаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст.

Соли 2007 Ҳайати иҷозатномадиҳӣ 23 иҷозатнома барои фаъолияти вобаста ба прекурсорҳо ва 12 шаҳодатнома барои ворид намудани онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст.

Дар ҳар як мавриди ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид сохтани прекурсорҳо ва ё содири онҳо аз кишвар шаҳодатнома ё иҷозатномаи иловагӣ бо дарҷи суроға, номгӯи прекурсор, миқдори он, нуқтаи таъинот, мақсади истифодабарӣ ва санаи воридот ва ё содирот дода мешавад.

Дар чорчӯбаи лоиҳаи AD/RER/E29 "Назорати прекурсорҳо дар Осиёи Марказӣ" дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи марти соли 2007 амалиёти "Интиқолоти транзитӣ" ҷиҳати ошкор намудани ҳодисаҳои қочоқи ангидриди тезоби сирко гузаронида шуд.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ, ки дар амалиёти "Интиқолоти транзитӣ" иштирок намуданд, ба ӯҳдаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шуда буд.

Дар давраи гузаронидани амалиёт дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳодисаҳои воридоту содироти ғайриқонунии прекурсорҳо, аз ҷумла ангидриди тезоби сирко, ошкор нагардид.

Дар чорчӯбаи лоиҳаи Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ "Назорати прекурсорҳо дар Осиёи Марказӣ" дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ бо мақсади ба



законного оборота прекурсоров.

Реорганизована Лицензионная комиссия по выдаче лицензий в сфере оборота наркотических средств, психотропных веществ и прекурсоров, в состав которой входят представители министерств здравоохранения и внутренних дел республики. Лицензирование деятельности в сфере оборота прекурсоров возложено на Агентство по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан.

В 2007 году Лицензионной комиссией выдано 23 лицензии на деятельность, связанную с прекурсорами, и 12 свидетельств на их ввоз в Таджикистан.

В каждом случае ввоза в Республику Таджикистан или вывоза из страны прекурсоров выдается дополнительное свидетельство или разрешение с указанием адреса, названия прекурсора, количества, пункта назначения, цели использования (применения) и даты ввоза или вывоза.



В рамках проекта AD/RER/E29 «Контроль над прекурсорами в Центральной Азии» в марте 2007 года на территории Республики Таджикистан проводилась операция под названием «Транзитные перевозки» по выявлению контрабандных грузов уксусного ангидрида.

Координация деятельности правоохранительных органов и силовых структур, участвующих в операции «Транзитные перевозки», в республике была возложена на Агентство по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан.

В период проведения операции на территории Республики Таджикистан фактов незаконного ввоза и вывоза прекурсоров, в т.ч. ангидрида уксусной кислоты, не выявлено.

В рамках проекта ЮНОДК «Контроль над прекурсорами в Центральной Азии» на таможенных постах проведены тренинги по контролю над прекурсорами с целью обучения

кормандони хадамоти гумрукӣ ва сарҳадӣ омӯзонидани малакаи кор бо дастгоҳи «HazMatID» ҷиҳати муайян намудани моддаҳои химиявӣ-прекурсорҳо, инчунин кор бо бастаҳои тестгузаронӣ барои ошкор намудани маводи мазкур тренинг гузаронида шуд.

Намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ дар чор вохӯрии гурӯҳҳои машваратӣ оид ба коркарди сиёсат дар соҳаи назорати прекурсорҳо дар чорчӯбаи Пакти Париж иштирок намуданд. Интизор меравад, ки вохӯрии навбатии гурӯҳи мазкур моҳи июни соли 2008 дар ш. Душанбе сурат мегирад.

сотрудников таможенной и пограничной службы навыкам работы с аппаратом для определения химических веществ-прекурсоров «HazMatID», а также работы с тест-наборами по выявлению вышеназванных веществ.

В рамках Парижского Пакта представители правоохранительных органов республики приняли участие в четырех встречах консультативных групп по разработке политики в области контроля над прекурсорами. Ожидается, что очередная встреча этой группы состоится в г. Душанбе в июне 2008 года.





# Таҳлили вазъи вобаста ба нашъамандӣ

# Анализ состояния наркомании



**Муовини Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоев А. С.**

**Заместитель Министра здравоохранения Республики Таджикистан Мирзоев А. С.**

Фаъолияти Хадамоти пешгирӣ ва мубориза бо СПИД-и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бо вируси норасогии масунияти бадан ва аломати норасоии масунияти бадан" аз 28 декабри соли 2005 таҳти № 150, инчунин "Барномаи мубориза бо паҳншавии вируси норасоии масунияти бадан ва аломати норасоии масунияти бадан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007 - 2010", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, сурат мегирад.

Дар Тоҷикистон, чун дар дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, эпидемияи ВИЧ/СПИД хислати таҳдидкунандаро ба худ мегирад. Бояд қайд кард, ки паҳншавии эпидемияи сирояти ВИЧ дар минтақаи мо хусусиёти хоси худро дорад. Пеш аз ҳама шахсони истеъмолкунандаи моводи нашъаовар тавассути сӯзандору ба бемории ВИЧ гирифтор мешаванд. Ин вобаста ба он аст, ки ҳангоми интиқоли транзитии моводи нашъаовар аз тариқи кишвари мо як миқдори он барои истеъмоли дохилӣ боқӣ мемонад. Бо ҳамин сабаб дар минтақа афзоиши босуръати сирояти ВИЧ дар байни истеъмолкунандагони моводи нашъадор тавассути сӯзандору мушоҳида мешавад.

Илова бар ин, номусоидии вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ боиси

Деятельность Службы по профилактике и борьбе со СПИД -ом Министерства здравоохранения осуществляется в соответствии Закона Республики Таджикистан «О противодействии вирусу иммунодефицита человека и синдрому приобретенного иммунодефицита» от 28 декабря 2005 года за № 150 и «Программы по борьбе с распространением вируса иммунодефицита человека и синдрома приобретённого иммунодефицита в Республике Таджикистан на период 2007-2010 годы», утвержденной Постановлением Правительства Республики Таджикистан.

В Таджикистане, как и в других странах Центрально - Азиатского региона, эпидемия ВИЧ/СПИД принимает угрожающий характер. Следует отметить, что развитие эпидемии ВИЧ-инфекции в нашем регионе имеет свои особенности. ВИЧ - инфекцией заражаются, прежде всего, потребители инъекционных наркотиков. Это связано с тем, что при транзите наркотических средств через территорию нашей страны определенная часть из них оседает для внутреннего потребления. В связи с этим в регионе отмечается быстрый рост ВИЧ - инфекции среди потребителей инъекционных наркотиков.

Кроме того, ухудшение социально-экономического положения республики привело к росту миграционных процессов, увеличению лиц, оказывающих сексуальные услуги, и безработицы. Эти и другие факторы создают реальные условия для увеличения количества потребителей инъекционных

баланд шудани сатҳи муҳоҷират, афзоиши фаҳіну фуҷур ва бекорӣ гардид. Инҳо ва омилҳои дигар шароити воқеъиро барои зиёд шудани миқдори истеъмолкунандагони маводи нашъаовар тавассути сӯзандору ва паҳншавии эпидемия мусоид месозанд.

Истеъмолкунандагони маводи нашъадор тавассути сӯзандору, ки ҳангоми қаробати ҷинсӣ аз васоили ҳимоя истифода намекунанд, метавонанд шарики алоқаи ҷинсии худро сироят кунанд ва бинобар ин хатари паҳншавии сирояти ВИЧ дар байни аҳоли аз эҳтимол дур нест.

Алҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман 1049 ҳодисаи сироятшавӣ бо ВИЧ, аз ҷумла дар вилояти Суғд - 290, вилояти Хатлон -186, ВМКБ - 76, НТМ - 93 ва ш. Душанбе - 404 нафар ба қайд гирифта шудааст. Аз шумораи умумии бо ВИЧ сироятшудагон 850 нафар мард ва 199 нафар зан мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқи эпидемиологӣ нишон медиҳанд, ки 606 нафар беморон аз тариқи истеъмоли маводи нашъаовар тавассути сӯзандору сироят шудаанд ва 57,2 % - ро ташкил медиҳанд. Бо роҳи алоқаи ҷинсӣ 226 нафар ва ё 22,5 % ва ҳангоми гузаронидани хун 15 нафар ё 1,5 % сироят шудаанд. 194 нафар ва ё 18 % бо роҳҳои номаълум ва бо роҳи амудӣ (аз модари ҳомиладор ба кӯдак) - 8 нафар ва ё 0,8 % сироят шудаанд.

Бо ҳамин сабаб дар ҷумҳурӣ ҷиҳати пешгирии хатари паҳншавии сирояти ВИЧ корҳои муайян анҷом дода мешаванд. Дар қатори чорабиниҳои пешгирикунанда, аз ибтидои соли 2007 дар ҷумҳурӣ дар байни гурӯҳҳои хатарнок терапияи - АРВ ва

наркотиков и развития эпидемии.

Потребители инъекционных наркотиков, которые практикуют незащищенный секс, могут передать инфекцию своим половым партнёрам, поэтому не исключается возможность распространения ВИЧ-инфекции среди населения.

На сегодняшний день в Республике Таджикистан официально зарегистрировано 1049 случаев ВИЧ инфекции, в том числе в Согдийской области - 290, Хатлонской области - 186, ГБАО - 76, Душанбе - 404, РРП - 93. Из общего числа ВИЧ- инфицированных 850 человек составляют мужчины и 199 женщины.

Результаты эпидемиологического исследования показывают, что 606 больных приобрели инфекцию в результате потребления наркотиков инъекционным способом, что составляет 57,2 %. Половым путём заразились 226 человек или 22,5 % и через трансфузию крови инфицировались 15 человек или 1,5%, 194 человек или 18 % заразились неизвестным путем и вертикальный путь передачи (от беременной матери к ребёнку) - 8 человек или 0,8%.

В связи с этим в республике проводится определённая работа по предотвращению угрозы распространения ВИЧ-инфекции. С начала 2007 года наряду с профилактическими мероприятиями в республике внедрены АРВ-терапия и Дозорный Эпидемиологический Надзор (ДЭН) среди групп риска. При поддержке Глобального Фонда и CDC укреплена лабораторная база центров СПИД и центров крови.

Регулярно по телевизионным каналам республики транслируются видеоролики, направленные на профилактику ВИЧ/СПИД, а также издаётся большое количество



Назорати эпидемиологии дозорӣ (НЭД) ҷорӣ карда шудааст. Бо дастгирии Фонди Глобалӣ ва CDC заминаи лабораторӣи марказҳои СПИД ва марказҳои хун мустаҳкам карда шуданд.

Мунтазам аз тариқи шабакаҳои телевизионии ҷумҳурӣ роликҳои видеоии иҷтимоӣ пахш мегарданд, ки ба пешгирии бемории ВИЧ/СПИД сафарбар шудаанд, инчунин миқдори зиёди маҳсулоти чопӣ дар шакли маҷаллаҳо ва варақаҳои иттилоотӣ нашр карда мешавад.

Барномаҳои пешгирикунандаи фарогири тамоми намояндагони гурӯҳҳои хатарнок тавсеа меёбанд. 20 нуқтаи боварӣ барои истеъмолкунандагони маводи нашъаовар тавассути сӯзандору кушода шудааст. Илова бар ин дар чорчӯбаи гранти Фонди Глобалӣ ташкили боз 17 нуқтаи боварӣ ба нақша гирифта шудааст. Мизоҷони нуқтаҳои мазкур имкон доранд сӯзандоруҳоро иваз намоянд, аз мутахассисон маслиҳат бигиранд ва маводи иттилоотӣ ва пешгирикунандаро дастрас намоянд.

Нақши Кумитаи миллии ҳамоҳангсоз оид ба пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки самти асосии фаъолияти он ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории ташкилотҳои давлатӣ, байналмиллалӣ ва ғайриҳукуматӣ мебошад, назаррас аст.

печатной продукции в виде журналов и информационных листков.

Расширяются профилактические программы, нацеленные на всеобщий охват представителей уязвимых групп. Открыты 20 пунктов доверия для потребителей инъекционных наркотиков. Кроме того, в рамках гранта Глобального Фонда планируется открытие еще 17 пунктов доверия. Клиенты данных пунктов имеют возможность обменять шприцы, получить консультации специалистов, информационные и профилактические материалы.

Немаловажной остаётся роль Национального координационного комитета по профилактике и борьбе с ВИЧ/СПИДом, туберкулёзом и малярией в Республике Таджикистан, основным направлением деятельности которого является координация и взаимодействие государственных, международных и неправительственных организаций.



## *Таҳлили вазъи вобаста ба бемории нашъамандӣ, раванд ва тамоилҳои асосии он*

## *Анализ ситуации с заболеваемостью наркоманией,динамика развития и основные тенденции*

Мутобики маълумоти расмии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 01.01.2008 с. 8592 нафар нашъаманд ба кайд гирифта шудааст ва афзоиши шумораи онҳо 10 фоизро ташкил дод.

По официальным данным Министерства здравоохранения Республики Таджикистан на 01.01.2008 года на учете состояло 8592 наркозависимых, рост их числа составил 10 %.




Афзоиши миқдори нашъамандон аз ҳисоби зиёд шудани шумораи онҳо дар вилояти Суғд сурат гирифт (аз 1246 нафар дар соли 2006 то 1673 нафар дар соли 2007). Сабаби рух додани ин ҳолат дар он аст, ки дар вилоят рамзи ягонаи беном ва системаи бақайдгирии беном ва сабти беморон (Рамзи ягонаи мушаххаскунанда РЯМ) ҷорӣ карда шуд ва дар натиҷа мурочиати истеъмолкунандагони маводи нашъаовар ҷиҳати дарёфти кӯмаки тиббӣ дар вилоят зиёд шуд.

Дар қатори омилҳои мусбӣ, аз ҷумла зиёд гардидани мурочиати беморони




нашъаманд ҷиҳати дарёфти кӯмаки тиббӣ, ҷорӣ намудани РЯМ ба баъзе нишондодҳое, ки вазъи бемории нашъамандиро дар ҷумҳурӣ мушаххас менамоянд, як андоза таъсири манфӣ расонид.

Таҳлили воситаҳои нашъадори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеъмолшаванда нишон медиҳад, ки дар соли 2007 аз шумораи

Увеличение количества наркозависимых обусловлено их ростом в Согдийской области (с 1246 человек в 2006 году до 1673 в 2007 году). Причиной сложившейся ситуации явилось внедрение в области единого анонимного кода и системы анонимной регистрации взятия на учет больных (Уникальный идентификационный код УИК), в результате чего в области повысилась обращаемость наркопотребителей за медицинскими услугами.

Наряду с положительными факторами, такими как увеличение обращаемости за медицинской помощью больных наркоманией, внедрение УИК оказало определенное негативное влияние на некоторые показатели, характеризующие состояние заболеваемости наркоманией в республике.

Анализ потребляемых наркотических средств в Республике Таджикистан за 2007 год

умумии беморони ба қайд гирифташудаи нашъамандӣ 82,22 % - мубталои героин, 6,5 % - мубталои ҳашиш, 8,28 % - мубталои афюн ва 3,0 % - мубталои маводи мухаддири мухталиф мебошанд.

показывает, что из общего числа состоящих на учете больных наркоманией 82,22 % - составляют больные героиновой наркоманией, 6,5% - больные гашишной наркоманией, 8,28% - больные опийной наркоманией, 3,0% - больные полинаркоманией.




Омори дар боло зикр шуда нишон медиханд, ки миқдори ашхоси мубталои афюн, ҳашиш ва маводи мухаддири мухталиф сол то сол амалан тағйир намеёбад, вале нашъамандии героинӣ, гарчи солҳои 2005 - 2006 каме ба субот омада бошад ҳам, дар соли сипаришуда шадидан афзуд ва вазни хоси он 82,22 фоизро ташкил дод. Афзоиши шадиди миқдори мубталоёни героин дар ҷумҳурӣ асосан дар вилояти Суғд сурат гирифт, ки миқдори онҳо аз 1157 то 1584 ва ё 36 % зиёд шуд.

Қобили қайд аст, ки қаблан дар ҷумҳурӣ истеъмоли ғайритиббии воситаҳои нашъадори гурӯҳи каннабис маъмул буд. Танҳо дар соли 1997 Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ бори нахуст 57 ҳодисаи бемории нашъамандии героиниро ошкор намуда буд, ки ба тағйир ёфтани масири мухаддироти афғонӣ дар солҳои 90 -уми қарни XX ба бозорҳои аврупои шарқӣ аз тарики Хати сайри шимолӣ тавассути қаламрави давлатҳои Осиёи Марказӣ вобаста мебошад.

Из приведенных данных усматривается, что количество опийных, гашишных и полинаркоманийных зависимых из года в год практически не меняется, тогда как героиновая наркомания, на фоне некоторой стабилизации в 2005-2006 годах, резко возросла в истекшем году, и ее удельный вес составил 82,22 %. Резкое увеличение числа героинозависимых в республике в основном произошло в Согдийской области, где их число увеличилось с 1157 до 1584 или на 36%.

Необходимо отметить, что ранее в республике было распространено немедицинское употребление наркотиков каннабисной группы. И только в 1997 году Республиканским клиническим центром наркологии были выявлены первые 57 случаев заболевания героиновой наркоманией, что было обусловлено смещением в 90-х годах XX века афганского наркотрафика на восточно-европейские рынки по Северному маршруту через территории государств Центральной Азии.




Аз соли 2003 тамоили афзоиши шумораи занҳои мубталои нашъамандӣ, хусусан дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд мушоҳида мешавад ва вазни хоси онҳо дар шумораи умумии беморон мутаносибан 5,9 % ва 6,7 % ташкил дода аз нишондоди ҷумҳуриявӣ 4,8 % зиёд аст.

С 2003 года зафиксирована тенденция роста числа женщин, больных наркоманией, особенно это проявилось в городе Душанбе и Согдийской области, где их удельный вес к общему количеству больных соответственно составил 5,9 % и 6,7 %, превысив республиканский показатель на 4,8 %.




Дар соли 2007 афзоиши миқдори истеъмолкунандагони маводи нашъаовар тавассути сӯзандору ба қайд гирифта шуд (13,3 %) ва мутаносибан вазни хоси онҳо дар шумораи умумии беморони нашъамандӣ аз 59,3 % то 61,9 % зиёд шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар ҷумҳурӣ зиёдшавии теъдоди истеъмолкунандагони маводи нашъаовар тавассути сӯзандору низ аз ҳисоби вилояти Суғд сурат гирифт ва дар он ҷо миқдори онҳо 420 нафар зиёд шуд.

В 2007 году отмечено увеличение количества зарегистрированных наркоманов, употребляющих наркотики инъекционным путем (13,3 %), соответственно выросло и их удельное соотношение к общему числу больных наркоманией с 59,3 % до 61,9 %.

Обращает на себя внимание то обстоятельство, что рост инъекционных больных в республике также произошел за счет Согдийской области, где их число увеличилось на 420.







Дар ду соли охир тамоили устувор ва мусбии ба субот омадани миқдори нашъамандони 18 - 30 сола, ки вазни хоси онҳо аз 30 % соли 2006 то 28 % дар соли 2007 коҳиш ёфт, мушоҳида мешавад. Баракс, теъдоди нашъамандони 30 - 59 сола афзуд ва вазни хоси онҳо дар соли 2007 нисбат ба соли 2006 аз 69 % то 71 % зиёд шуд. Ин ҳолат аз камшавии ҳодисаҳои нави ба қайдгирии нашъамандони синни мазкур шаҳодат медиҳад.

Чун солҳои гузашта қисми асосии нашъамандон ашхосе мебошанд, ки аз ҷойи кори доимӣ ва таҳсил маҳруманд - 81,6 %.

В последние два года наметилась устойчивая положительная тенденция стабилизации количества наркозависимых в возрасте от 18 до 30 лет, удельный вес которых сократился с 30 % в 2006 году до 28 % в 2007 году, на фоне роста количества наркозависимых в возрасте от 30 до 59 лет, удельный вес которых увеличился в 2007 году по сравнению с 2006 годом с 69% до 71%. Это свидетельствует о сокращении новых случаев постановки на учет наркозависимых этой возрастной категории.

Как и в предыдущие годы, основная масса наркозависимых - это лица, не имеющие постоянного места работы и учебы - 81,6 %.

## *Рамзи ягонаи мушаххаскунанда*

Дар Тоҷикистон 8 декабри соли 2003 Қонун «Дар бораи кӯмаки наркологӣ» қабул шуд, ки дар он кафолати кӯмаки наркологии беном на танҳо дар муассисаҳои махсусгардонидашудаи наркологӣ, инчунин дар дигар ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дода шудааст, ки ин як андоза ба афзоиши шумораи муроҷиаткунандагон мусоидат намуд.

Вале тартиби бақайдгирии беморони муроҷиаткунанда коркарду таҳия нашуда буд ва бақайдгирии такрории онҳоро истисно намекард. Бо ҳамин сабаб зарурати таҳия ва ҷорӣ намудани рамзи ягонаи мушаххаскунанда (РЯМ) ба миён омад ва он бояд аз ҳисоби беном буданаш дастрасии истеъмолкунандагони моводи нашъаоварро ба хизматрасонии тиббӣ баланд намояд, системаи бақайдгирии онҳоро танзим кунад ва инчунин таҳлилу таҷзияи иттилоотро осон

## *Уникальный идентификационный код*

В Таджикистане 8 декабря 2003 года принят Закон «О наркологической помощи», которым гарантирована анонимная наркологическая помощь не только в специализированных наркологических учреждениях, но и других государственых и неправительственных организациях, что в определенной степени способствовало повышению обращаемости.

Вместе с тем, не был разработан порядок учета обратившихся за помощью больных, который не исключал их повторной регистрации. Этим и была обусловлена необходимость разработки и внедрения уникального идентификационного кода (УИК), который был призван повысить доступ наркопотребителей к услугам за счет анонимности, урегулировать их систему учета, а также упростить обработку и анализ информации.

созад.

Бо кӯмаки он имкон дорад, ки дастрасии хизматрасонӣ; арзёбии фарогирии воқеъии гурӯҳҳои мақсаднок; тағйироти ахлоқӣ, эпидемиологӣ, демографӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар гурӯҳҳои мақсаднок назорат карда шавад.

Ба ақидаи мутахассисон дар оянда маълумоти ҷамъоваришуда имкон медиҳад, ки бидуни харҷи калони молӣ дар сатҳи маҳаллӣ таҳқиқоти амиқи иҷтимоӣ ва эпидемиологӣ гузаронида шавад.

Дар соли 2007 РЯМ ҳамчун барномаи озмоишӣ дар вилояти Суғд санҷида шуд. Бо дарназардошти натиҷаҳои мусбати дар вақти санҷиши барнома ҳосилшуда, Вазорати тандурустии ҷумҳурӣ татбиқи марҳила ба марҳилаи онро дар қаламрави Тоҷикистон ба нақша гирифтааст.

С его помощью можно также наблюдать доступность оказываемых услуг; оценивать реальность охвата ими целевых групп; отслеживать поведенческие, эпидемиологические, демографические, социальные и экономические изменения в целевых группах.

По мнению специалистов, в перспективе собранная информация позволит на местном уровне проводить глубокие социоэпидемиологические исследования без особых финансовых затрат.

В 2007 году УИК в качестве пилотного проекта был апробирован в Согдийской области. Учитывая положительные результаты, полученные в ходе его деятельности, Министерство здравоохранения республики планирует его поэтапное внедрение на всей территории Таджикистана.

# Пешгирии нашъамандӣ
# Профилактика наркомании

Яке аз самтҳои афзалиятноки мубориза бо муомилоти ғайриқонунии мухаддирот пешгирии паҳншавии нашъамандӣ мебошад, ки аз чорабиниҳои мухталифи вобаста ба тавзеҳи оқибати фалокатбори истеъмоли моводи нашъадор иборат мебошад.

Бо мақсади таҳкиму рушди инфраструктураи идораҳо ва хадамоте, ки бо муомилоти ғайриқонунии моводи нашъаовар муқобилият менамоянд, иртиқои сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар самти пешгирӣ, табобат ва офиятбахшии беморони нашъамандӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 ноябри соли 2007 «Барномаи ягонаи мақсадноки давлатӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии моводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» -ро тасдиқ намуд.

Соли 2004 барои ташкили ҳамкории мутақобилаи вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии сӯистеъмоли моводи нашъадор таъсис шуда буд. Шӯрои мазкур мақоми миллӣ буда, ҳамкории вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллиро дар самти гузаронидани чорабиниҳои вобаста ба пешгирии истеъмоли ғайритиббии воситаҳои нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва дигар моддаҳои тиракунандаи ақлро ҳамоҳанг менамояд. Чунин Шӯроҳои ҳамоҳангсозӣ дар назди ҳукуматҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташкил шудаанд.

Шӯроҳои ҳамоҳангсозӣ дар марказ ва маҳалҳо корҳои пешгирикунандаро дар самтҳои мухталиф ташкил менамоянд ва умдатарини онҳо гузаронидани чорабиниҳои пешгиркунанда дар байни наврасон, ҷавонон, хонандагони мактабҳои миёна ва олӣ мебошад, чунки маҳз ҳамин табақаи аҳолии ҷумҳурӣ осебпазир аст ва ба он хатари ҷалбшавӣ ба истеъмоли моводи нашъаовар таҳдид менамояд.

Таҳқиқоти дар чорчӯбаи лоиҳаи раёсати СММ оид ба моводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумии ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд ва ш. Душанбе дар байни хонандагони 15-16 сола (бо фарогирии 5003 хонанда) гузаронидаи Агентии назорати моводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои зеринро ошкор намуд:

- мактаббачагон оид ба мавҷудияти

Одним из приоритетных направлений в борьбе с наркотизмом является предупреждение распространения наркомании, включающее различные меры, направленные на разъяснение губительного последствия потребления наркотиков.

В целях укрепления и развития инфраструктуры ведомств и служб, осуществляющих противодействие незаконному обороту наркотиков, повышения качества предоставляемых услуг населению в области профилактики, лечения наркомании и реабилитации больных наркоманией, Правительством Республики Таджикистан 30 ноября 2007 года утверждена «Единая государственная целевая программа профилактики наркомании и противодействия незаконному обороту наркотиков в Республике Таджикистан на 2008-2012 годы».

В 2004 году для организации сотрудничества и взаимодействия заинтересованных министерств и ведомств республики образован Координационный совет по профилактике злоупотребления наркотиками. Данный совет является национальным органом, осуществляющим координацию деятельности министерств, ведомств, организаций и местных органов государственной власти на местах в проведении мероприятий, направленных на предупреждение немедицинского потребления наркотических средств, психотропных и других одурманивающих веществ. Аналогичные советы созданы при хукуматах областей, городов и районов.

Координационные советы в центре и на местах организуют работу в нескольких направлениях, основным из которых является проведение профилактических мероприятий среди подростков, молодежи, учащихся средних и высших учебных заведений, т.к. именно эта категория населения республики является наиболее уязвимой и подверженной вовлечению в потребление наркотиков.

Исследование, проведенное Агентством по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан в рамках проекта УНП ООН, в общеобразовательных школах ГБАО, Хатлонской и Согдийской областях и г. Душанбе среди школьников 15-16 летнего возраста (охвачено 5003 учащихся) выявило следующие факторы:

маводи нашъаовар, аз ҷумла банг, афюн, героин ва кокаин маълумоти хуб доранд;

- аксарияти онҳо (96 %) чунин ақида доранд, ки дар сурати будани хоҳиш, дарёфти маводи нашъаовар кори осон аст;

- 0,5 % хонандагон маводи нашъаовар, асосан банг ва ё ҳашишро озмудаанд;

- қариб як фоизи пурсшидашудагон изҳор намуданд, ки хоҳишманди истеъмоли маводи нашъаовар мебошанд;

- бори нахуст истеъмоли маводи нашъаовар бештар дар синни 16-солагӣ сурат мегирад;

- қариб 7 % пурсидашудагон дараҷаи хатари истеъмоли моддаҳои нашъаовар ва психоактивиро нодуруст арзёбӣ менамоянд ва онро бисёр паст ҳисоб мекунанд.

Ба асоси натиҷаҳои таҳқиқот кормандони Агентӣ муштаракан бо намояндагони вазоратҳои тандурустӣ, маориф, фарҳанг, кумитаҳои кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, телевизион ва радио ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба таври доимӣ вохӯриҳо ва суҳбатҳо бо хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, донишҷӯён, маъмурияти дискоклубҳои шаҳрҳои Душанбе, Қурғонтеппа, Хуҷанд ва Чкаловск оид ба масъалаҳои тиббӣ-иҷтимоӣ ва ҳуқуқии сӯистеъмоли маводи нашъадор, инчунин муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нави нашъаовари синтетикии гурӯҳи амфетаминҳо баргузор менамоянд.

Самти дигари фаъолияти пешгирикунандаи Шӯроҳои ҳамоҳангсозӣ ин гузаронидани корҳои омӯзишӣ дар байни занон мебошад. Вохӯриҳо дар коллективҳои меҳнатӣ, маҳаллаҳо ва бо занони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуданд. Ба аҳолии ноҳияҳои бо Афғонистон ҳамсарҳад диққати махсус дода шуд.

Ба ташкили корҳо бо гурӯҳҳои




- школьники хорошо информированы о существовании наркотических веществ, в том числе, таких как марихуана, опиум, героин, кокаин;

- большинство из них (96%) считают, что при желании достать наркотическое вещество довольно просто;

- 0,5% учащихся пробовали наркотическое вещество, в основном марихуану или гашиш;

- около одного процента анкетированных выразили желание попробовать наркотики;



- первая проба наркотических веществ чаще всего осуществлялась в возрасте 16 лет;

- около 7% респондентов недооценивают степень риска от употребления наркотиков и психоактивных веществ, считая его достаточно низким.

Основываясь на результатах исследования, сотрудники Агентства совместно с представителями министерств здравоохранения, образования, культуры, комитетов по делам молодежи, спорту и туризму, по делам женщин и семьи, телевидению и радиовещанию и других общественных организаций на постоянной основе организовывали встречи с учащимися общеобразовательных школ, студентами, администрациями дискоклубов городов Душанбе, Курган-Тюбе, Худжанда и Чкаловска по медико-социальным и правовым аспектам злоупотребления наркотиков, а также незаконного оборота новых синтетических наркотиков амфетаминового ряда.

Другим направлением профилактической деятельности Координационных советов явилась образовательная работа среди женщин. Организовывались встречи в трудовых коллективах, махаллях и с жительницами городов и районов республики. Особое

осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла хонандагони мактабҳои махсус ва интернатҳо, инчунин шахсоне, ки дар хобгоҳҳо истиқомат менамоянд ва кӯдакони оилаҳои носолим таваҷҷӯҳи хос зоҳир карда мешавад.

Мутобиқи нақшаҳои кории шӯроҳо дар тамоми ҷумҳурӣ чорабиниҳои маҷмӯъии зиддинашъамандии оммавӣ-фарҳангӣ, варзишӣ, мусобиқоти шоҳмотбозӣ, озмуни расмҳои кӯдакон дар мавзӯи "Кӯдакон зидди маводи нашъадор" гузаронида шуданд. Расмҳои беҳтарин ҳангоми нашри тақвими деворӣ, ки ройгон дар ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ тақсим гардид, истифода шуданд.



Озмуни якҷоя бо Агентӣ ташкилнамудаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки 24 театри халқии ҷумҳурӣ дар мавзӯъи «Ҷомеъа алайҳи нашъамандӣ» сазовори баҳои мусбати аҳли ҷамоатчигӣ гардид.

Дар кори пешгирии истеъмоли маводи нашъаовар васоити ахбори омма нақши муҳимро бозӣ менамоянд.

Ҳар ҳафта маҷаллаи радиоии «Соярӯшан», ки аз ҷониби Агентӣ муштаракан бо шабакаи аввали радиои ҷумҳурӣ омода карда мешавад, пахш мегардад ва шунавандагони он сокинони на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мебошанд.

Аз тариқи каналҳои телевизионии ҷумҳуриявии «Шабакаи якум», «Сафина», «Баҳористон» ва барномаҳои радиои «Садои Душанбе», «Тоҷикистон» проблемаҳои истеъмоли ғайритиббӣ ва муомилоти ғайриқонунии

внимание было уделено населению приграничных с Афганистаном районов.

Немаловажная роль уделялась работе с уязвимой группой населения, в частности, учащимися спецшкол и интернатов, а также лицам, проживающим в общежитиях, и детям из неблагополучных семей.

В соответствии с рабочим планом советов по всей стране проведен комплекс антинаркотиковых акций, включающих в себя



культурно-массовые и спортивные мероприятия, шахматные турниры, конкурсы детского рисунка на тему «Дети против наркотиков». Лучшие рисунки были использованы при издании настенного календаря, который безвозмездно распространен среди государственных и общественных организаций.

Положительные отзывы общественности получил конкурс, организованный Министерством культуры Республики Таджикистан совместно с Агентством, среди 24-х народных театральных коллективов республики на тему «Общество против наркотиков».

Особую роль в деле профилактики потребления наркотиков играют средства массовой информации.

Еженедельно в эфир выходит радиожурнал «Соярушан» («Свет в тени»), выпускаемый Агентством совместно с первым каналом республиканского радио, слушателями которого являются не только жители Таджикистана, но и всего Центрально-Азиатского региона.

По республиканским телевизионным каналам «Шабакаи якум», «Сафина», «Бахористон» и по радио «Садои Душанбе», «Точикистон» широко освещаются проблемы немедицинского потребления и незаконного оборота наркотиков.

В этих же целях используются

маводи нашъаовар ба таври васеъ инъикос карда мешаванд.

Бо ин мақсад инчунин имконоти агентиҳои иттилоотии ҷумҳурӣ «Ховар», «Азия Плюс», «Авесто», «Варорӯд», «Интерпрессервис» ва воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ истифода мешаванд.

Дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявии «Садои мардум», «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон» ва «Минбари халқ» зиёда аз 250 очерки судӣ ва мақолаҳо дар бораи натиҷаҳои фаъолияти Агентӣ нашр гардиданд.



Муштаракан бо созмони ғайриҳукуматии «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ» маҷаллаи ҳармоҳаи «Инъикос» («Отражение») бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба теъдоди 1500 нусха нашр ва дар байни аҳолии ҷумҳурӣ ройгон паҳн карда мешавад, ки барои баланд бардоштани дониши ҳуқуқии шаҳрвандон ва пешгирии нашъамандӣ мусоидат мекунад.

Бо мақсади инъикоси объективонаи мушкилоти вазъи нашъамандӣ дар Тоҷикистон ва чораҳои дар самти муқобилият бо нашъамандӣ ва ҷиноёти вобаста ба он андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар чорабиниҳои ташкилнамудаи Агентӣ намояндагони воситаҳои ахбори хориҷӣ ва ватанӣ даъват ва нишастҳои матбуотӣ гузаронида мешаванд.

Дар самти пешгирии нашъамандӣ дар ҷомеъа имконоти созмонҳои давлатӣ, ғайриҳукуматӣ, динӣ, ҷавонон ва иттиҳодияҳои эҷодӣ фаъолона истифода мешаванд.

Қобили ёдоварист, ки созмонҳои байналмиллалии муқими ҷумҳурӣ дар кори пешгирии истеъмоли маводи нашъаовар саҳми арзанда мегузоранд. Яке аз мисолҳои чунин ҳамкорӣ лоиҳаи «Маъракаи иттилоотӣ ҷиҳати баланд намудани маълумотнокии аҳолӣ оид ба оқибати истеъмоли маводи нашъаовар» мебошад, ки аз тарафи Барномаи

возможности республиканских информационных агентств «Ховар», «Азия Плюс», «Авесто», «Вароруд» и «Интерпрессервис», включая зарубежные СМИ.

В республиканских газетах «Джумхурият», «Садои мардум», «Чавонони Точикистон» и «Минбари халк» опубликовано более 250 судебных очерков и материалов о результатах деятельности Агентства.

Совместно с НПО «Право и благоденствие» издается ежемесячный журнал «Инъикос» («Отражение») на таджикском и русском языках тиражом 1500 экземпляров, предназначенный для повышения правовой грамотности граждан и профилактики наркомании, который бесплатно распространяется среди населения республики.

В целях объективного освещения проблем наркоситуации в Таджикистане и мер, принимаемых Правительством Республики Таджикистан по противодействию наркотизму и связанной с ним преступностью, на мероприятия, проводимые Агентством, приглашаются представители зарубежных и отечественных средств массовой информации, проводятся пресс-конференции



В сфере профилактики наркомании в обществе активно используется потенциал государственных, неправительственных, религиозных, молодежных организаций и творческих союзов.

Следует отметить активное содействие международных организаций, аккредитованных в республике, в деле профилактики потребления наркотиков. Одним из таких примеров является проект «Информационная компания по повышению осведомленности населения о последствиях потребления наркотиков», финансируемый Программой БОМКА/КАДАП в

БОМКА/КАДАП дар Точикистон маблағгузорӣ мешавад. Дар чорчӯбаи лоиҳаи мазкур накшаи чорабинихои зиддинашъамандӣ тахия шудааст, ки дар татбиқи он тамоми вазорату идорахои дахлдори чумхурӣ мутасаддӣ шудаанд.

Таджикистане. В рамках данного проекта разработан план антинаркотиковых мероприятий, в реализации которых задействованы заинтересованные министерства и ведомства республики.



# ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ

# МЕЖДУНАРОДНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО

## *Амалиёти байналмилалии фаврӣ - пешгирикунандаи «Канал - 2007»*

Аз 28 август то 3 сентябр ва аз 27 ноябр то 3 декабри соли 2007 тибқи карори сарони давлатҳои узви Ташкилоти Созишномаи амнияти дастаҷамъӣ (ТСАД) дар қаламрави Арманистон, Белорусия, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон амалиёти байналмилалии фаврӣ - пешгирикунандаи «Канал - 2007» гузаронида шуд. Дар амалиёт ба сифати нозир намояндагони идораҳои зидди маводи нашъаовари Афғонистон, Латвия, Литва, Озарбойҷон, Украина, Финляндия, Хитой, ШМА, Эрон, Эстония ва ҳамчунин бори нахуст Туркманистон, иштирок карданд.

Амалиёт бо мақсади ошкору катъ намудани роҳҳои қочоқи мухаддирот, таъсиси камарбанди амниятии зидди маводи нашъаовар дар атрофи Афғонистон, масдуд сохтани роҳҳои байниминтақавӣ ва байналмилалии интиқоли маводи нашъаовари синтетикӣ ва прекурсорҳо гузаронида шуд.

Дар рафти гузаронидани амалиёт вазоифи вобаста ба такмили механизми ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсус дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ҳаллу фасл шуданд. Чорабиниҳои фаврӣ - ҷустуҷӯӣ минтақаҳои бевосита бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсояро фаро гирифта буданд.

Ҳамкории фаъол ва мутақобилаи мақомоти салоҳиятдори кишварҳои иштирокчии амалиёт имкон дод, ки роҳҳои асосии интиқоли мухаддироти синтетикӣ ва прекурсорҳо аз давлатҳои Аврупо ва маводи нашъаовари афғонӣ дар қаламрави кишварҳои иштирокчии амалиёт қатъ карда шаванд.

Бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузаронидани амалиёти «Канал» дар Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ситоди миллии байниидоравӣ таъсис шуда буд.

Дар давраи гузаронидани амалиёт дар муассисаҳои нақлиёт ва самтҳои эҳтимолии интиқоли воситаҳои нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо 458 гурӯҳи сайёри фаврӣ амал мекард.

## *Международная оперативно-профилактическая операция «Канал-2007»*

С 28 августа по 3 сентября и с 27 ноября по 3 декабря 2007 года в соответствии с решением глав государств-членов Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) на территориях Армении, Белоруссии, Кыргызстана, Казахстана, России, Таджикистана и Узбекистана была проведена международная оперативно-профилактическая операция «Канал-2007». В качестве наблюдателей в операции участвовали представители антинаркотических ведомств Азербайджана, Афганистана, Ирана, Китая, Латвии, Литвы, США, Украины, Финляндии, Эстонии и Туркмении.

Операция была проведена с целью выявления и пресечения каналов контрабанды наркотиков, создания антинаркотического пояса безопасности вокруг Афганистана, блокирования каналов поставок синтетических наркотиков и прекурсоров.

В ходе проведения операции решались задачи по совершенствованию механизмов взаимодействия правоохранительных органов и специальных служб в сфере борьбы с незаконным оборотом наркотиков. Оперативно-розыскные мероприятия охватывали регионы, непосредственно примыкающие к Афганистану.

Активное сотрудничество и взаимодействие компетентных органов стран-участниц операции позволило перекрыть основные маршруты перемещения синтетических наркотиков и прекурсоров из стран Европы и афганских наркотиков на территории государств, участвующих в операции.

В целях координации деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан на период проведения операции «Канал» был создан Национальный Межведомственный Штаб при Агентстве по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан.

В период проведения операции на объектах транспорта и вероятных направлениях перемещения наркотических средств, психотропных веществ и прекурсоров функционировали 458

40 ҷинояти вобаста ба воситаҳои нашъадор ошкор шуд ва аз муомилоти ғайриқонунӣ 570 килову 466 грамм маводи нашъадор, аз ҷумла 233 килову 175 грамм героин, 229 килову 005 грамм афюн, 106 килову 649,3 грамм маводи нашъадори гурӯҳи каннабис, 776 бех бангдона ва 1 тоннаву 856 кило прекурсор мусодира карда шуд.

мобильных оперативных групп. Выявлено 40 наркопреступлений, из незаконного оборота изъято 570 кг 466 гр наркотических средств, в том числе героина 233 кг 175 гр, опия-сырца 229 кг 005 гр, наркотиков каннабисной группы 106 кг 649,3 гр, 776 кустов конопли и 1тонна 856 кг прекурсоров.





**Мусодираи маводи нашъаовар аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ дар рафти амалиёти "Канал"**
**Изъятие наркотиков правоохранительными органами республики в ходе операции "Канал"**




Ба асоси маълумоти Ситоди байналмиллалии ҳамоҳангсозии ташкил ва гузаронидани амалиёти «Канал-2007» дар ҳудуди кишварҳои аъзои ТСАД аз муомилоти ғайриқонунӣ зиёда аз 6 тоннаву 801 кило воситаҳои нашъадор, аз он ҷумла 414 килову 882 грамм героин, 331 килову 540 грамм афюн мусодира шуд, ки аз ин миқдор 56,2 % героин ва 69,1 % афюн саҳми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

По данным Международного координационного штаба по подготовке и проведению операции «Канал-2007» на территории государств членов ОДКБ из незаконного оборота изъято свыше 6 тонн 801 кг наркотических средств, в том числе 414,882 кг героина и 331,540 кг опия, из которых 56,2 % героина и 69,1 % опия-сырца приходятся на долю правоохранительных органов и пограничных войск Республики Таджикистан.




## *«Ирсолоти назоратшаванда»*

Ҳамкории мутақобила бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Агентӣ дар соҳаи муқобилият бо муомилоти байналмиллалии ғайриқонунии маводи нашъаовар мебошад.

Дар чорчӯбаи созишномаҳои байниидоравии имзошуда бо мақомоти босалоҳияти кишварҳои хориҷӣ ҳамкории фаъол сурат мегирад. Бо мақсади бастани роҳҳои қочоқи воситаҳои нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, ошкор, мустанад ва қатъ намудани фаъолияти саркардагон ва аъзоёни гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткори байналмиллалӣ, бо ташаббуси АНМН муштаракан бо ХФНМН ФР се амалиёт бо истифода аз усули «ирсоли назоратшаванда» гузаронида шуд, ва дар рафти онҳо зиёда аз 61 кило маводи нашъаовар мусодира гардид.

Дар ҳамкорӣ бо АНМН - и Қирғизистон як амалиёт сурат гирифт ва 54 килову 747 грамм афюн мусодира карда шуд.

Қобили қайд аст, ки соли 2007 нахустин амлиётн муштарак бо Департаменти амнияти ҷамъиятии ноҳияи худмухтори Синзяну-Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой гузаронида шуд ва дар ҷараёни он зиёда аз 500 грамм героин мусодира ва фаъолияти гурӯҳи байналмиллалии ҷинояткори иборат аз шаҳрвандони Афғонистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Хитой қатъ карда шуд.

## *«Контролируемые поставки»*

Взаимодействие с правоохранительными органами и спецслужбами зарубежных стран является приоритетным направлением деятельности Агентства в сфере противодействия транснациональному незаконному обороту наркотиков.

В рамках подписанных межведомственных соглашений осуществляется активное взаимодействие с компетентными органами зарубежных стран. В целях перекрытия каналов контрабанды наркотических средств, психотропных веществ и прекурсоров, выявления, документирования и пресечения деятельности лидеров и членов транснациональных преступных наркогруппировок по инициативе АКН совместно с ФСКН РФ проведены три операции с использованием метода «контролируемая поставка», в ходе которых изъято более 61 кг наркотических средств.

Во взаимодействии с АКН Кыргызстана проведена одна операция и изъято 54 кг 747 г опия.

Следует отметить, что в 2007 году впервые была проведена совместная операция с Департаментом общественной безопасности Синьцзяно-Уйгурского автономного района Китайской Народной Республики, в ходе которой было изъято более 500 гр героина и пресечена деятельность интернациональной преступной группы, состоящей из граждан Афганистана, Таджикистана, Узбекистана и Китая.

## *Амалиёти сарҳадии «Чегара-2007»*

Аз 24 то 29 сентябри соли 2007 дар ҳудуди Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон бо қарори Шӯрои фармондеҳони Қӯшунҳои сарҳадии давлатҳои иштирокчии ИДМ амалиёти муштараки махсуси сарҳадии «Чеғара-2007» бо мақсади муқовимат бо воридшавии террористони байналхалқӣ, силоҳ, муҳимоти ҷангӣ, воситаҳои нашъадор ва муҳоҷирони ғайрирасмӣ аз қаламрави Афғонистон гузаронида шуд.

Амалиёт аз тарафи идораҳои сарҳадӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи маҳаллӣ мутобиқи нақшаи ягонаи аз ҷониби Кумитаи давлатии ҳифзи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳия шуда, гузаронида шуд.

Дар рафти гузаронидани амалиёт сарҳадбонони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муомилоти ғайриқонунӣ зиёда аз 223 кило маводи нашъадори гурӯҳи афюн, аз ҷумла 9 килову 745 грамм героин мусодира намуданд.

## *Пограничная операция «Чегара-2007»*

С 24 по 29 сентября 2007 года на территории Таджикистана, Российской Федерации, Казахстана, Кыргызии и Узбекистана в соответствии с решением Совета командующих Пограничными войсками стран-участников СНГ проведена совместная специальная пограничная операция «Чегара-2007». Целью операции являлось противодействие проникновению с территории Афганистана международных террористов, оружия, боеприпасов, наркотических средств и нелегальных мигрантов.

Операция проводилась пограничными ведомствами во взаимодействии с территориальными правоохранительными органами по единому плану, подготовленному Государственным Комитетом по охране Государственной границы Республики Узбекистан.

В ходе проведения операции пограничниками Республики Таджикистан из незаконного оборота изъято более 223 кг наркотиков опийной группы, в том числе 9 кг 745 гр героина.





## *Марҳилаи таҷрибавии МАРКАЗ*

Аз 10 то 11 июли соли 2007 дар шаҳри Тошкент (Ӯзбекистон) Ҷаласаи махсус доир ба марҳилаи таҷрибавии Маркази минтақавии иттилоотии ҳамоҳангсозии мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо дар Осиёи Марказӣ (Марказ) бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои ваколатдори давлатҳои иштирокчӣ оид ба таъсиси Марказ баргузор гардид.

Бо сабаби он, ки на ҳамаи давлатҳо Созишномаи таъсиси Марказро имзо намудаанд, иштирокчиёни ҷаласа оиди аз 1 ноябри соли 2007 ба муддати 6 моҳ амалӣ намудани марҳилаи таҷрибавии Марказ тавсиянома омода намуданд. Интихоби номзадҳо ба вазифаҳои холии Марказ дар асоси озмун сурат гирифт. Номзади Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият аз озмун гузашт ва ба вазифаи таҳлилгари калони марҳилаи таҷрибавӣ таъин гардид.

Вазифаи намояндаи ваколатдор (афсари алоқа) аз Тоҷикистон ба зиммаи Намояндаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон вогузор шуд.

## *Пилотная фаза ЦАРИКЦ*

С 10 по 11 июля 2007 года в г. Ташкент (Узбекистан) состоялось Специальное совещание по пилотной фазе Центральноазиатского регионального информационного координационного центра по борьбе с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров (ЦАРИКЦ) с участием представителей компетентных министерств и ведомств государств-участников по созданию ЦАРИКЦ.

В связи с тем, что не все государства подписали Соглашение о создании ЦАРИКЦ, участники совещания подготовили рекомендации по реализации его пилотной фазы сроком на 6 месяцев, начиная с 1 ноября 2007 года. Отбор кандидатов на замещение вакантных должностей в ЦАРИКЦ проходил на конкурсной основе. Сотрудник Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан успешно прошел конкурсный отбор и был назначен на должность старшего аналитика пилотной фазы.

Обязанности полномочного представителя (офицера связи) от Таджикистана возложены на Представителя Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан в Республике Казахстан.





## *Имконоти техникии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар айни замон, ки прогрессии илмӣ - техникӣ бо суръат неш меравад, таъминоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо воситаҳои муосири алоқа, дастгоҳҳои махсус ва техникаи оперативӣ аҳамияти бузург дорад.

Бинобар ин, бо кӯмаки Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ ва дигар созмонҳои байналмиллалӣ ба масъалаи таҳкими иқтидори оперативӣ - техникии Агентӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир карда мешавад.

